ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ЭНЕРГЕТИКИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД 621.311.243:519.87

Ба ҳуқуқи дастнавис



Давлатзода Абуфазл Нусратулло

МОДЕЛСОЗИИ КОРИ НЕРУГОҲҲОИ БАРҚИ ОФТОБӢ БО ДАРНАЗАРДОШТИ ТАЪСИРИ ОМИЛҲОИ ҲАРОРАТӢ

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.3. Энергетика ва электротехника (2.3.4. Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ)

Кӯшониён – 2026

Диссертатсия дар кафедраи манбаъҳои алтернативии энергияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ:	**Бурҳонзода Илҳом Бурҳон,** номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи манбаъҳои алтернативии энергияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон
Муқарризони расмӣ:	**Юлдашев Зарифджан Шарифович,** доктори илмҳои техникӣ, дотсент, профессори кафедраи барқикунонӣ ва автоматикунонии кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
	Қасобов Лоиқ Сафарович, номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи неругоҳҳои электрикии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ
Муассисаи пешбар:	Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия санаи «_24_» ноябри соли 2026, соати 10:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-083 назди Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон бо суроғаи: 735162, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Кӯшониён, шаҳраки Бохтариён, кӯчаи Н. Хусрав, 73 баргузор мегардад. E-mail: messi.ilhom@yandex.ru

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхона ва сомонаи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон https://tpei.tj/shuroi-dissertatsioni/ шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» _____с. 2026 ирсол шудааст.

И.в. котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ Юсуфӣ Д.Ю.

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Имрӯз рушди соҳаи энергетика торафт бештар ба ҷустуҷӯ ва истифодаи манбаъҳои боэътимод ва гуногуни истеҳсоли неруи барқ вобаста мегардад. Дар чунин шароит манбаъҳои барқароршавандаи энергия яке аз самтҳои муҳими рушди энергетика ба ҳисоб рафта, дар байни онҳо энергетикаи офтобии фотоэлектрикӣ мавқеи хос пайдо кардааст. Рушди ин самт, пеш аз ҳама, ба мавҷудияти иқтидори назарраси техникии энергияи офтоб, коҳиш ёфтани арзиши таҷҳизоти фотоэлектрикӣ ва васеъ гардидани доираи истифодаи неругоҳҳои барқи офтобӣ алоқаманд мебошад.

Қисми зиёди афзоиши иқтидорҳои нави энергетикӣ ба соҳаҳои офтобӣ ва бодӣ рост меояд. Ин раванд аз тағйир ёфтани сохтори энергетикаи ҷаҳонӣ ва афзоиши истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия шаҳодат медиҳад.

Мувофиқи маълумоти Агентии байналмилалии энергетика (IEA), соли 2025 афзоиши солонаи иқтидори насбшудаи неругоҳҳои барқи офтобии фотоэлектрикӣ барои нахустин бор аз 600 ГВт зиёд гардида, иқтидори умумии насбшудаи онҳо дар ҷаҳон тақрибан ба 2800 ГВт расидааст. Ҳамзамон, энергетикаи офтобии фотоэлектрикӣ зиёда аз чор се ҳиссаи афзоиши иқтидорҳои нави манбаъҳои барқароршавандаи энергияро таъмин намудааст.

Ҳамин тариқ, истеҳсоли неруи барқ тавассути неругоҳҳои барқи офтобии фотоэлектрикӣ дар шароити муосир ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди энергетика боқӣ мемонад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди энергетикаи офтобӣ аҳамияти махсус дошта, ба зарурати минбаъд гуногунсамт намудани сохтори истеҳсоли неруи барқ, баланд бардоштани эътимоднокии барқтаъминкунӣ ва самаранок истифода бурдани иқтидори назарраси радиатсияи офтобӣ вобаста мебошад. Шароити табиӣ-иқлимии ҷумҳурӣ бо давомнокии зиёди давраи тобиши офтоб ва сатҳи баланди радиатсияи офтобӣ тавсиф шуда, дар як сол зиёда аз 300 рӯзи офтобӣ ба қайд гирифта мешавад. Ин омилҳо барои рушди энергетикаи офтобӣ ва афзоиши иқтидорҳои истеҳсолӣ тавассути сохтмон ва ба истифода додани неругоҳҳои барқи офтобӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Мубрамии масъалаи мавриди таҳқиқ дар шароити гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон аз истифодаи алоҳидаи дастгоҳҳои фотоэлектрикии иқтидорашон хурд ба рушди неругоҳҳои барқи офтобии миқёси калон боз ҳам бештар мегардад. Соли 2025 дар ноҳияи Ашти вилояти Суғд ва ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон сохтмони неругоҳҳои барқи офтобӣ бо иқтидори умумии насбшудаи 500 МВт оғоз гардид.

Ҳангоми истифодаи неругоҳҳои барқи фотоэлектрикӣ дар шароити иқлими Тоҷикистон таъсири маҷмуи омилҳои иқлимӣ ва истифодабарӣ ба фаъолияти онҳо ба назар мерасад. Аз ҷумла, ба омилҳои асосӣ шиддатнокии радиатсияи офтобӣ, ҳарорати муҳити атроф, тағйирёбии он дар давоми шабонарӯз ва сол, инчунин ғуборолудшавии сатҳи модулҳои фотоэлектрикӣ (МФЭ) дохил мешаванд.

Барои минтақаҳои ҷанубии ҷумҳурӣ ҳамбастагии радиатсияи баланди офтобӣ бо ҳарорати нисбатан баланд ва иқлими хушк хос мебошад. Чунин шароити иқлимӣ метавонад ба нишондиҳандаҳои энергетикии модулҳои фотоэлектрикӣ таъсири назаррас расонад.

Омили ҳароратӣ бевосита ба нишондиҳандаҳои энергетикии модулҳои фотоэлектрикӣ таъсир мерасонад. Ҳангоми баланд шудани ҳарорати модул параметрҳои асосии электрикии он, пеш аз ҳама, шиддат ва иқтидори максималӣ тағйир меёбанд. Дар натиҷа самаранокии воқеии энергетикии модулҳо метавонад аз қиматҳои дар тавсифоти техникии онҳо овардашуда ба таври назаррас фарқ кунад. Ҳамзамон, шиддатнокии баланди радиатсияи офтобӣ, ки ба афзоиши истеҳсоли неруи фотоэлектрикӣ мусоидат мекунад, боиси зиёд шудани гармшавии модулҳо низ мегардад.

Дар шароити иқлими гарм ҳарорати модулҳои фотоэлектрикӣ метавонад аз қимати стандартии 25 °C, ки ҳангоми муайян намудани параметрҳои электрикии онҳо дар шароити стандартии санҷиш (STC) қабул шудааст, ба таври назаррас баландтар гардад. Афзоиши ҳарорати корӣ боиси коҳиш ёфтани иқтидори истеҳсолии модулҳо мегардад ва вобаста ба

шароити истифодабарӣ талафоти иқтидор, ки дар натиҷаи таъсири ҳарорат ба вуҷуд меояд, метавонад ба 15-25 % расад.

Аз ин рӯ, ҳисобҳое, ки танҳо ба шароити стандартии STC асос меёбанд, на ҳамеша имкон медиҳанд, ки ҳаҷми воқеии истеҳсоли неруи барқ аз ҷониби неругоҳҳои барқи фотоэлектрикӣ дар шароити иқлими гарм бо дақиқии зарурӣ арзёбӣ карда шавад. Дар шароити воқеии истифодабарӣ ҳарорати модулҳои фотоэлектрикӣ дар давоми шабонарӯз ва сол тағйир ёфта, ин тағйирот ба параметрҳои электрикии модулҳо ва ҳаҷми неруи барқи истеҳсолшаванда таъсири бевосита мерасонад.

Яке аз омилҳои дигари муҳими истифодабарии таҷҳизоти фотоэлектрикӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ғуболудшавии сатҳи модулҳо мебошад. Ҷамъшавии ғубор миқдори радиатсияи офтобиро, ки ба сатҳи модули фотоэлектрикӣ мерасад, коҳиш дода, дар натиҷа метавонад боиси кам шудани истеҳсоли неруи барқ гардад.

Аз ин лиҳоз, барои арзёбии боэътимоди самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқи фотоэлектрикӣ танҳо ба назар гирифтани иқтидори насбшудаи таҷҳизот, радиатсияи офтобӣ ва параметрҳои меъёрии модулҳои фотоэлектрикӣ кифоя нест. Зарур аст, ки вобастагии миқдории байни параметрҳои иқлимӣ, ҳарорати модулҳо, тағйирёбии хусусиятҳои электрикии онҳо, талафоти энергетикӣ ва истеҳсоли воқеии неруи барқ муайян карда шавад.

Ин масъала ҳангоми лоиҳакашӣ ва истифодабарии неругоҳҳои барқи офтобии иқтидорашон калон аҳамияти бештар пайдо мекунад. Бо афзоиши иқтидори насбшуда ҳатто фарқияти нисбатан хурд байни нишондиҳандаҳои ҳисобӣ ва шароити воқеии истифодабарӣ метавонад ба тафовути назаррас байни истеҳсоли солонаи пешбинишуда ва воқеии неруи барқ оварда расонад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани дақиқии ҳисобкунии нишондиҳандаҳои энергетикӣ ҳам дар марҳилаи лоиҳакашӣ ва ҳам дар раванди истифодабарии неругоҳҳои барқи офтобӣ вазифаи муҳими илмӣ ва амалӣ ба ҳисоб меравад.

Дар раванди ҳисобкунӣ, бинобар ин, на танҳо параметрҳои номиналии модулҳои фотоэлектрикӣ, балки тағйироти воқеии ҳарорат ва дигар шароити иқлимӣ низ бояд ба назар гирифта шаванд. Истифодаи моделсозӣ имкон медиҳад, ки таъсири чунин тағйирот ба фаъолияти модулҳои фотоэлектрикӣ ва тамоми неругоҳи барқи офтобӣ арзёбӣ карда шавад. Татбиқи воситаҳои муосири моделсозӣ барои таҳқиқи реҷаҳои гуногуни кори неругоҳҳои барқи фотоэлектрикӣ, муайян намудани таъсири ҳарорат ба нишондиҳандаҳои энергетикӣ, арзёбии талафоти энергетикӣ, инчунин таҳлили таъсири ҷойгиркунӣ ва самтгирии модулҳо имконият фароҳам меорад. Чунин равиш барои баланд бардоштани дақиқии ҳисобҳои истеҳсоли интизории неруи барқ заминаи зарурӣ фароҳам месозад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ҳалли ин масъала ба ҳамбастагии иқтидори баланди офтобӣ бо шароити нисбатан мураккаби истифодабарии таҷҳизоти фотоэлектрикӣ вобаста мебошад. Аз як тараф, сатҳи баланди радиатсияи офтобӣ имкониятҳои назаррасро барои истеҳсоли неруи барқ фароҳам меорад. Аз ҷониби дигар, дар шароити воқеии истифодабарӣ самаранокии модулҳои фотоэлектрикӣ танҳо аз шиддатнокии радиатсияи офтобӣ вобаста нест. Ба кори онҳо ҳарорати баланди муҳити атроф, гармшавии худи модулҳо ва ҷамъшавии ғубор дар сатҳи онҳо низ таъсири назаррас мерасонанд.

Аз ин рӯ, ҳангоми ҳисобкунии кори неругоҳи барқи офтобӣ ба назар гирифтани омилҳои мазкур, пеш аз ҳама тағйирёбии ҳарорат, аҳамияти муҳим дорад, зеро ҳарорат бевосита ба иқтидори истеҳсолии модулҳо ва ҳаҷми воқеии истеҳсоли неруи барқ таъсир мерасонад.

Ҳамзамон муҳимияти таҳқиқоти мазкур ба татбиқи лоиҳаҳои бузурги энергетикаи офтобӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқтидори умумии 500 МВт вобаста мебошад. Дар чунин шароит дақиқии ҳисобҳои энергетикӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад, зеро эътимоднокии арзёбии ҳаҷми воқеии истеҳсоли неруи барқ ва самаранокии дастгоҳҳои фотоэлектрикӣ бевосита ба натиҷаҳои ин ҳисобҳо вобаста аст. Аз ин лиҳоз, такмили усулҳои моделсозии математикӣ бо дарназардошти таъсири ҳарорат барои рушди энергетикаи офтобии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳамияти ҳам илмӣ ва ҳам амалӣ

мебошад. Истифодаи моделҳои мукаммал имкон медиҳад, ки таъсири шароити ҳароратӣ ба фаъолияти таҷҳизоти фотоэлектрикӣ дақиқтар муайян карда шавад.

Ҳамин тариқ, муҳимияти таҳқиқот бо хусусиятҳои истифодабарии неругоҳҳои барқи фотоэлектрикӣ дар шароити иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад. Дар шароити ҳарорати баланд тағйирёбии ҳолати ҳароратии модулҳои фотоэлектрикӣ метавонад ба нишондиҳандаҳои воқеии энергетикии онҳо таъсири назаррас расонад. Истифодаи моделҳои математикии дорои дарназардошти ҳолати ҳароратии модулҳо имкон медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ бо дақиқии бештар муайян, талафоти энергетикии вобаста ба гармшавии модулҳо ошкор ва ҳангоми интихоби параметрҳои таҷҳизот, лоиҳакашӣ ва истифодабарии минбаъдаи дастгоҳҳои фотоэлектрикӣ ба ҳисоб гирифта шаванд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқи кори неругоҳҳои барқи фотоэлектрикӣ дар асоси моделсозии математикӣ ва компютерӣ бо мақсади арзёбии самаранокии энергетикии онҳо ва ба назар гирифтани таъсири омилҳои ҳароратӣ дар шароити иқлими гарм, аз ҷумла шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи муҳими илмӣ-техникӣ буда, аҳамияти назарраси амалӣ дорад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаҳои рушди энергетикаи офтобӣ, баланд бардоштани самаранокии энергетикии низомҳои фотоэлектрикӣ ва таъсири омилҳои иқлимӣ ба истеҳсоли неруи барқ дар корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ба масъалаҳои умумии истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия корҳои Д.С. Стребков [1], П.П. Безруких [2], В.В. Елистратов [3] ва дигар муҳаққиқон бахшида шудаанд. Ҷанбаъҳои моделсозии низомҳои фотоэлектрикӣ ва арзёбии самаранокии онҳо дар таҳқиқоти J. Duffie [4], Tze-Zhang Ang [5] ва J.L. Holechek [6] баррасӣ шудаанд.

Масъалаҳои вобастагии ҳарорати модулҳои фотоэлектрикӣ аз радиатсияи офтобӣ, ҳарорати муҳити атроф ва шароити истифодабарӣ дар корҳои H. Thomas [7], E. Skoplaki [8] ва J.A. Palyvos [9] омӯхта шудаанд. Ҷанбаъҳои моделсозии математикӣ ва пешгӯии истеҳсоли неруи барқ аз неругоҳҳои фотоэлектрикӣ дар таҳқиқоти М.Г. Тягунов [10], С.Г. Обухов [11] ва И.А. Плотников [12] инъикос ёфтаанд. Ҳамзамон, масъалаҳои талафоти энергетикӣ дар натиҷаи ифлосшавии сатҳи модулҳо дар корҳои L. Michel [13], M.L. Adekanbi [14] ва P. Dixit [15] таҳқиқ шудаанд.

Таъсири ҳарорати баланд ба параметрҳои электрикӣ ва самаранокии модулҳои фотоэлектрикӣ, инчунин роҳҳои коҳиш додани талафоти вобаста ба ҳарорат дар таҳқиқоти A. Hasan [16], H.M.S. Bahaidarah [17], И.М. Кирпичникова [18] ва дигарон баррасӣ гардидааст. Самаранокии низомҳои фотоэлектрикӣ дар минтақаҳои дорои иқлими гарм дар корҳои С.Е. Шеклеин [19], В.И. Велкин [20] ва О.В. Григораш [21] низ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Таҳлили самтҳои зикргардида нишон медиҳад, ки масъалаи умумии моделсозии низомҳои фотоэлектрикӣ ва таъсири омилҳои иқлимӣ ба фаъолияти онҳо омӯхта шудаанд. Бо вуҷуди ин, арзёбии маҷмуии таъсири ҳарорати кории модулҳо ба нишондиҳандаҳои энергетикии неругоҳҳои барқи фотоэлектрикӣ дар шароити иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти иловагиро талаб мекунад. Аз ҷумла, зарурати муқоисаи натиҷаҳои моделсозӣ бо маълумоти таҷрибавӣ ва муайян намудани тағйирёбии нишондиҳандаҳои энергетикӣ боқӣ мемонад.

Вобаста ба ин таҳқиқоти диссертатсионӣ ба омӯзиши масъалаи мазкур тавассути моделсозии математикӣ, таҳқиқоти таҷрибавӣ ва истифодаи барномаҳои компютерӣ равона гардидааст. Мавқеи таҳқиқот дар арзёбии таъсири ҳарорат ба параметрҳои электрикӣ ва энергетикии модулҳо ва асоснок намудани имкониятҳои баланд бардоштани эътимоднокии ҳисобҳои истеҳсоли неруи барқ дар шароити иқлими гарм ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад барои такмили усулҳои арзёбии самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқи офтобӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти илмӣ ва амалӣ дошта бошанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

соҳаи энергетика, рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва илмҳои дақиқ алоқаманд буда, ба мақсаду вазифаҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» аз 19 июли соли 2022, № 1909, «Барномаи рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия барои солҳои 2023-2027», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2023, № 51 тасдиқ шудааст, инчунин қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2020, № 427 «Дар бораи эълон намудани бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ» мутобиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсия, ки ба моделсозии кори неругоҳҳои барқи офтобӣ бо дарназардошти таъсири омилҳои ҳароратӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи энергияи офтоб равона шудааст, бевосита ба самтҳои афзалиятноки мазкур алоқаманд буда, барои рушди асосҳои илмӣ-методии истифодаи самараноки энергияи офтоб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳқиқи таъсири шароити ҳароратӣ ба фаъолияти модулҳои фотоэлектрикӣ ва дар ин замина таҳия намудани моделҳои математикӣ иборат аст, ки барои бо дақиқии бештар муайян намудани нишондиҳандаҳои энергетикӣ ва ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ аз ҷониби неругоҳҳои барқи фотоэлектрикӣ имкон фароҳам меоранд.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба мақсади гузошташуда иҷрои вазифаҳои зерин пешбинӣ шудааст:

1. Таҳлили ҳолати муосир ва усулҳои асосии моделсозии неругоҳҳои барқи офтобӣ, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба самаранокии энергетикии онҳо бо дарназардошти таъсири ҳароратӣ.
2. Таҳқиқи таҷрибавии таъсири ҳарорати муҳити атроф ва ҳарорати кории модулҳои фотоэлектрикӣ ба нишондиҳандаҳои энергетикии онҳо ва муайян намудани вобастагии иқтидори истеҳсолии модулҳо аз ҳарорат.
3. Моделсозӣ ва арзёбии нишондиҳандаҳои энергетикии неругоҳи барқи офтобӣ бо истифода аз маҷмуи барномавии PVsyst дар асоси параметрҳои техникии низом ва шароити иқлими минтақаи таҳқиқот.
4. Таҳияи модели математикии кори дастгоҳҳои фотоэлектрикӣ бо дарназардошти таъсири омилҳои ҳароратӣ ва татбиқи он дар муҳити MATLAB/Simulink.
5. Арзёбии самаранокии ҳифзи ҳароратӣ, таҳияи методикаи ба ҳисоб гирифтани таъсири ҳарорат ба параметрҳои модулҳои фотоэлектрикӣ ва пешниҳод намудани тавсияҳо барои шароити иқлими гарм, аз ҷумла шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Объекти таҳқиқот. Неругоҳҳои барқи фотоэлектрикӣ ва модулҳои фотоэлектрикии онҳо дар шароити қиматҳои гуногуни ҳарорати муҳити атроф ва ҳарорати корӣ.

Мавзуи таҳқиқот. Таъсири шароити ҳароратӣ ба тавсифоти электрикӣ ва энергетикии модулҳои фотоэлектрикӣ ва истеҳсоли неруи барқ, инчунин моделҳои математикӣ ва усулҳои ҳисобии арзёбии ин таъсир ва қонуниятҳои муайяншудаи тағйирёбии он.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро муқаррароти назарияи табдилёбии фотоэлектрикии радиатсияи офтоб ба неруи барқ, инчунин қонуниятҳои тағйирёбии тавсифоти электрикии модулҳои фотоэлектрикӣ (МФЭ) ҳангоми таъсири ҳарорат ташкил медиҳанд. Барои муайян намудани вобастагиҳои регрессионӣ усули квадратҳои хурдтарин истифода шудааст. Таҳқиқи равандҳои кории неругоҳҳои барқи фотоэлектрикӣ ва арзёбии миқдории таъсири ҳарорат тавассути моделсозии имитатсионӣ дар асоси моделҳои математикии таҳияшуда анҷом дода шудааст.

Навгонии илмӣ. Дар таҳқиқоти гузаронидашуда натиҷаҳои нави илмии зерин бори аввал ба даст оварда шудаанд:

1. Қонуниятҳои таъсири ҳарорати муҳити атроф ва ҳарорати кории модулҳои фотоэлектрикӣ ба параметрҳои электрикӣ ва энергетикии онҳо муайян гардида, вобастагии иқтидори истеҳсолии модулҳои фотоэлектрикӣ аз ҳарорати корӣ муқаррар карда шуд.

2. Модели математикии кори модулҳои фотоэлектрикӣ бо дарназардошти таъсири омилҳои ҳароратӣ таҳия гардид, ки имкон медиҳад тағйирёбии параметрҳои электрикӣ ва энергетикии модулҳо вобаста ба ҳарорати корӣ арзёбӣ карда шавад.

3. Вобастагии миқдории ҳарорати кории модулҳои фотоэлектрикӣ аз ҳарорати муҳити атроф муайян карда шуд, ки имкон медиҳад таъсири ҳарорат ҳангоми моделсозии кори онҳо ба ҳисоб гирифта шавад. Вобастагии бадастомада барои такмили модели дастгоҳи фотоэлектрикӣ дар муҳити MATLAB/Simulink истифода гардида, тағйирёбии иқтидори истеҳсолӣ ва истеҳсоли неруи барқ дар шароити гуногуни ҳароратӣ арзёбӣ карда шуд.

4. Равиши ҳисобӣ барои муайян намудани таъсири ҳарорат ба модулҳои фотоэлектрикӣ пешниҳод гардид, ки арзёбии миқдории тағйирёбии параметрҳои электрикӣ ва энергетикии онҳоро таъмин намуда, имкон медиҳад талафоти ҳароратӣ ҳангоми қиматҳои гуногуни ҳарорати корӣ муайян карда шаванд.

5. Модели математикии ҳифзи ҳароратии модулҳои фотоэлектрикӣ таҳия ва самаранокии он дар шароити ҳарорати баланди муҳити атроф арзёбӣ карда шуд. Муайян гардид, ки истифодаи ҳифзи ҳароратӣ имкон медиҳад ҳарорати сатҳи модули фотоэлектрикӣ то 3,53 °C паст карда шуда, таъсири ҳарорати баланд ба нишондиҳандаҳои энергетикии он коҳиш дода шавад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Вобастагиҳои таҷрибавӣ ва регрессионии ҳарорати кории модулҳои фотоэлектрикӣ аз ҳарорати муҳити атроф барои ду ҳолати истифодабарӣ бо термомуҳофизат ва бе он дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавии саҳроӣ муайян карда шуда, қонуниятҳои тағйирёбии ҳарорати кории модулҳо вобаста ба ҳарорати муҳити атроф муқаррар гардидаанд. Натиҷаҳои бадастомада барои арзёбии таъсири омилҳои ҳароратӣ ба параметрҳои электрикӣ ва энергетикии модулҳои фотоэлектрикӣ дар шароити иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон замина фароҳам меоранд.

2. Методикаи ҳисоб ва арзёбии параметрҳои электрикӣ ва энергетикии модулҳои фотоэлектрикӣ бо дарназардошти таъсири омилҳои ҳароратӣ ва истифодаи термомуҳофизат таҳия гардида, модели математикии кори модул дар муҳити MATLAB/Simulink татбиқ карда шудааст. муайян карда шудааст, ки ҳангоми ҳарорати муҳити атрофи 45 ^{o}C истифодаи термомуҳофизат ҳарорати кории модулро аз 62,13 ^{o}C то 58,6 ^{o}C паст намуда, фарқияти 3,53 ^{o}C-ро таъмин менамояд. Ин натиҷа таъсири термомуҳофизатро ба беҳтар шудани шароити ҳароратии кори модули фотоэлектрикӣ нишон медиҳад.

3. Модели тақлидии низоми автономии фотоэлектрикӣ барои шароити иқлимии ноҳияи Кӯшониён дар муҳити барномавии PVsyst таҳия гардида, таъсири параметрҳои иқлимӣ, омилҳои ҳароратӣ ва сарбории электрикӣ ба нишондиҳандаҳои энергетикии низоми арзёбӣ карда шудааст. дар асоси натиҷаҳои моделсозӣ конфигуратсияи техникии низоми фотоэлектрикии автономӣ асоснок гардида, тавозуни энергетикӣ ва ҳиссаи энергияи офтобӣ дар пӯшонидани сарбории энергетикии истеъмолкунандагон муайян карда шудаанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо ба даст овардани вобастагиҳои ҳисобӣ муайян мегардад, ки имкон медиҳанд таъсири ҳарорат ҳангоми таҳлили тавсифоти электрикии модулҳои фотоэлектрикӣ ба назар гирифта шавад. Қонуниятҳои муайяншудаи таъсири ҳарорати муҳити атроф ва ҳарорати корӣ ба параметрҳои электрикӣ ва энергетикии модулҳои фотоэлектрикӣ, вобастагиҳои таҷрибавӣ ва регрессионӣ, инчунин методикаи ҳисоб ва арзёбии параметрҳои модулҳо бо дарназардошти таъсири ҳарорат заминаи илмиро барои баланд бардоштани дақиқии моделсозӣ ва арзёбии истеҳсоли неруи барқ аз ҷониби неругоҳҳои барқи офтобӣ фароҳам меоранд. Модели таҳияшуда дар муҳити MATLAB/Simulink ва натиҷаҳои моделсозӣ дар маҷмуи барномавии PVsyst метавонанд барои таҳқиқи таъсири ҳарорати корӣ ва талафоти

ҳароратӣ ба нишондиҳандаҳои электрикӣ ва энергетикии низомҳои фотоэлектрикӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи натиҷаҳои бадастомада ҳангоми лоиҳакашӣ, ҳисобкунӣ ва арзёбии самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқи офтобӣ дар шароити иқлими гарм, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифода меёбад. Методикаи пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки параметрҳои электрикӣ ва энергетикии модулҳои фотоэлектрикӣ бо дарназардошти ҳарорати воқеии корӣ ҳисоб карда шуда, таъсири ҳифзи ҳароратӣ ба фаъолияти онҳо арзёбӣ гардад. Моделсозӣ дар маҷмуъҳои барномавии PVsyst ва MATLAB/Simulink метавонад барои интихоби параметрҳои таҷҳизоти асосии неругоҳи барқи офтобӣ, арзёбии истеҳсоли неруи барқ бо дарназардошти сарбории истеъмолкунандагон ва таҳлили талафоти энергетикӣ истифода шавад. Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин барои таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии низомҳои фотоэлектрикӣ дар минтақаҳои дорои ҳарорати баланди муҳити атроф аҳамияти амалӣ доранд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия. Эътимоднокии натиҷаҳои кори диссертатсионӣ бо истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавии саҳроӣ, коркарди регрессионии маълумоти таҷрибавӣ ва моделсозии математикӣ дар муҳитҳои барномавии PVsyst ва MATLAB/Simulink таъмин карда шудааст. Эътимоднокии натиҷаҳои ҳисобӣ тавассути муқоисаи реҷаҳои кори модулҳои фотоэлектрикӣ бо термомуҳофизат ва бе он, инчунин арзёбии таъсири термомуҳофизат ба параметрҳои электрикӣ ва энергетикии модул санҷида шудааст. Мутобиқати натиҷаҳои таҷрибавӣ, ҳисобӣ ва моделсозӣ, инчунин истифодаи муштараки PVsyst ва MATLAB/Simulink барои арзёбии нишондиҳандаҳои энергетикӣ ва параметрҳои электрикию ҳароратии низоми фотоэлектрикӣ эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро тасдиқ менамояд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 2.3. Энергетика ва электротехника (2.3.4. Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ)» мутобиқат мекунад:

Банди 2. «Таҳиясозии асосҳои илмӣ (равишҳо) ҷиҳати таҳқиқоти хусусиятҳои умумӣ, шартҳои фаъолият ва усулҳои ҳисоб, алгоритмҳо ва барномаҳои интихобӣ ва муносибсозии параметрҳо, нишондиҳандаҳои сифат ва реҷаҳои кории системаҳои энергетикӣ, муҷтамаъҳо, дастгоҳҳои энергетикӣ дар асоси сӯзишвориҳои органикӣ, алтернативӣ ва намудҳои энергияи барқароршаванда фаъолияткунанда...» – дар қисми таҳқиқоти таҷрибавии таъсири ҳарорати муҳити атроф ва ҳарорати кории модулҳои фотоэлектрикӣ ба параметрҳои электрикӣ ва энергетикии онҳо, муайян намудани вобастагиҳои ҳароратӣ ва таҳияи методикаи ҳисоб ва арзёбии параметрҳои модулҳои фотоэлектрикӣ бо дарназардошти таъсири ҳарорат ва термомуҳофизат;

Банди 4. «Таҳиясозӣ, таҳқиқот ва такмили технологияҳои мавҷуда ва азхудкунии технологияҳо ва таҷҳизоти нав барои истеҳсоли неруи барқ ва гармӣ, истифодаи сӯзишвориҳои органикӣ ва алтернативӣ, ва намудҳои энергияи барқароршаванда....тақвияти» «эътимоднокӣ ва дарозмуддат кардани муҳлати хизмати элементҳои системаҳои энергетикӣ....» – дар қисми таҳқиқ ва такмили технологияҳои истифодаи энергияи офтобӣ тавассути арзёбии таъсири ҳарорати баланд ба параметрҳои электрикӣ ва энергетикии модулҳои фотоэлектрикӣ, таҳияи термомуҳофизат ва муайян намудани таъсири он ба ҳарорати корӣ ва нишондиҳандаҳои энергетикии модулҳо бо мақсади коҳиш додани талафоти ҳароратӣ ва баланд бардоштани самаранокии энергетикии кори онҳо;

Банди 11. «Моделсозии математикӣ, таҳқиқоти ададӣ ва табиии равандҳои физикию химиявӣ ва кории ҷоришаванда дар системаҳои энергетикӣ ва дастгоҳҳо, ки бо сӯзишвориҳои органикӣ, алтернативӣ ва манбаъҳои энергияи барқароршаванда кор мекунанд...» – дар қисми таҳияи модели математикии кори модулҳои фотоэлектрикӣ бо дарназардошти таъсири омилҳои ҳароратӣ, моделсозии кори онҳо дар муҳити барномавии MATLAB/Simulink ва моделсозии кори неругоҳи барқи офтобӣ дар муҳити барномавии

PVsyst бо дарназардошти шароити иқлимӣ, сарбории электрикии истеъмолкунандагон, истеҳсоли неруи барқ ва талафоти энергетикӣ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, гузаронидани таҳқиқоти таҷрибавӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти саҳроӣ, муайян намудани вобастагиҳои таҷрибавии параметрҳои электрикии модулҳои фотоэлектрикӣ аз ҳарорат, таҳияи модели математикӣ ва методикаи ҳисоб бо дарназардошти таъсири омилҳои ҳароратӣ ифода меёбад. Довталаб дар таҳияи модели термомуҳофизат, моделсозӣ дар муҳитҳои барномавии PVsyst ва MATLAB/Simulink, таҳлил ва муқоисаи натиҷаҳои таҷрибавию ҳисобӣ, инчунин таҳияи хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ бевосита саҳмгузор мебошад.

Тасвиб ва амалисозӣ. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди апробатсия қарор гирифтаанд. Қисме аз натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои ба масъалаҳои энергетика, рушди инноватсионӣ ва муҳандисии саноатӣ бахшидашуда, ки солҳои 2023–2026 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия баргузор гардиданд, пешниҳод ва муҳокима карда шуданд.

Аз ҷумла, натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои байналмилалии «Энергетика: состояние и перспективы развития» (Душанбе, 2023, 2025), «Развитие энергетики Таджикистана в период независимости» (Душанбе, 2025), «Цифровая индустриализация и развитие энергетики глазами ученых и исследователей» (Кӯшониён, 2025), инчунин дар IV конференсияи умумироссиягии ҷавонон бо иштироки байналмилалӣ «Булатовские чтения» (Томск, 2024) ва конференсияи байналмилалии ICIEAM 2026 (Сочи, 2026) пешниҳод ва мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин дар конференсияҳои илмӣ-амалии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда дар 17 нашрияи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, 5 мақола дар нашрияҳои илмии ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия шомилбуда ба нашр расидаанд, 1 нашрия дар маводи конференсияи илмӣ, ки дар пойгоҳҳои байналмилалии библиографии IEEE ва Scopus индексатсия мешавад, инчунин 11 нашрия дар маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалии илмӣ нашр шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 186 саҳифаи матни чопшударо ташкил медиҳад (аз ҷумла 152 саҳифа матни асосии диссертатсия). Маводи тасвирӣ ва маълумотии диссертатсия бо 43 расм ва 10 ҷадвал пешниҳод гардида, рӯйхати адабиёт 137 номгӯй ва замимаҳо 4 ададро дар бар мегиранд.

ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима «муҳиммияти мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи масъала арзёбӣ шудааст; мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шуда, навгонии илмӣ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада, дараҷаи эътимоднокии онҳо, апробатсия ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён гардидаанд».

<u>Дар боби якум</u> «***Шарҳи таҳлилии усулҳои муосири моделсозии неругоҳҳои барқи офтобӣ***» «ҳолати муосири рушди энергетикаи офтобӣ», «усулҳои моделсозии неругоҳҳои барқи фотоэлектрикӣ, воситаҳои барномавии моделсозӣ, инчунин таъсири омилҳои иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои энергетикии неругоҳҳои барқи офтобӣ» таҳлил карда шудаанд. Ҳадафи асосии таҳлил муайян намудани усулҳои мувофиқтарини моделсозӣ ва асоснок намудани зарурати ба назар гирифтани таъсири омилҳои ҳароратӣ ҳангоми арзёбии истеҳсоли воқеии неруи барқ аз ҷониби неругоҳҳои барқи фотоэлектрикӣ мебошад.

Вазъи рушди энергетикаи офтобӣ. Дар ин қисмат равандҳои асосии рушди энергетикаи офтобӣ ва мавқеи он дар байни дигар манбаъҳои барқароршавандаи энергия баррасӣ шудаанд. Солҳои охир неругоҳҳои барқи офтобӣ ба таври васеъ истифода шуда истодаанд, ки ин раванд ба афзоиши талабот ба манбаъҳои нави истеҳсоли неруи барқ вобаста мебошад. Гузариш ба технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ҷустуҷӯи манбаъҳои самараноктари энергия ба рушди босуръати энергетикаи офтобӣ мусоидат намудаанд. Мувофиқи маълумоти Агентии байналмилалии энергияи барқароршаванда (IRENA), то охири соли 2025 иқтидори умумии насбшудаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар ҷаҳон ба 5149 ГВт расида, дар давоми як сол 692 ГВт афзоиш ёфтааст.

Иқтидори насбшудаи энергетикаи офтобӣ ба 2392 ГВт расидааст, ки суръати баланди рушди ин соҳа ва саҳми назарраси онро дар афзоиши иқтидорҳои манбаъҳои барқароршавандаи энергия нишон медиҳад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди энергетикаи офтобӣ аҳамияти махсус дорад, зеро шароити табиӣ-иқлимии кишвар, давомнокии зиёди тобиши офтоб ва сатҳи баланди радиатсияи офтобӣ барои истифодаи васеи неругоҳҳои барқи фотоэлектрикӣ имкониятҳои мусоид фароҳам меоранд. Ҳамзамон, дар диссертатсия таъкид шудааст, ки бо татбиқи лоиҳаҳои бузурги энергетикаи офтобӣ зарурати баланд бардоштани дақиқии ҳисоб ва пешгӯии истеҳсоли неруи барқ низ бештар мегардад.

Дар солҳои охир энергетикаи офтобӣ ҳиссаи худро дар иқтидори умумии насбшудаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ба таври назаррас афзоиш додааст. Тибқи намудҳои истеҳсоли неруи барқ (расми 1), ба энергетикаи офтобӣ 2392 ГВт, ё тақрибан 47 % аз иқтидори умумии насбшудаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия рост меояд. Ин нишондиҳанда энергетикаи офтобиро ҳамчун бузургтарин ва босуръат рушдёбандаи бахши энергетикаи барқароршаванда бо имконияти баланди тавсеаи минбаъда муаррифӣ менамояд.



Расми 1. – Сохтори иқтидори муқарраршудаи ҷаҳонии МБЭ аз рӯйи навъҳои истеҳсоли неруи барқ. Манбаъ: IRENA [22].

Усулҳои муосири моделсозии неругоҳҳои барқи фотоэлектрикӣ. Таҳлили адабиёти илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки барои моделсозии низомҳои фотоэлектрикӣ якчанд равишҳои асосӣ истифода мешаванд. Дар ин боб равишҳои физикӣ-математикӣ, оморӣ, имитатсионӣ ва гибридӣ (омехта) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Равиши физикӣ-математикӣ имкон медиҳад равандҳои физикии дар модулҳои фотоэлектрикӣ ҷоришаванда бо дараҷаи баланди тафсилот ба назар гирифта шуда, ҳисобҳои дақиқ анҷом дода шаванд. Камбудии асосии ин равиш зарурати истифодаи ҳаҷми зиёди маълумоти ибтидоӣ ва хароҷоти нисбатан зиёди ҳисоббарорӣ мебошад.

Равиши оморӣ нисбатан сода буда, барои арзёбии фаврӣ ва пешгӯии нишондиҳандаҳо истифода мешавад, аммо натиҷаҳои он аз сифат ва пуррагии маълумоти ибтидоӣ ба таври назаррас вобаста мебошанд. Равиши имитатсионӣ имкон медиҳад динамикаи равандҳо дар вақт ба ҳисоб гирифта шуда, барои таҳлили реҷаҳои корӣ ва пешгӯии истеҳсоли неруи барқ истифода гардад. Равиши гибридӣ (омехта) имконият фароҳам меорад, ки бартариҳои якчанд равиш дар як модели ягона муттаҳид карда шаванд.

Барои равшантар нишон додани натиҷаҳои муқоисавии таҳлил, дар ҷадвали 1 тавсифи ҷамъбастии равишҳои баррасишуда пешниҳод шудааст.

Ҷадвали 1. Таҳлили муқоисавии усулҳои моделсозии неругоҳҳои фотоэлектрикӣ

Усулҳои моделсозӣ	**Бартариятҳо**	**Маҳдудиятҳо**	**Доираи татбиқ**
Физикию математическӣ	Дақиқии баланд, баҳисобгирии равандҳои физикӣ	Маълумоти муфассал ва захираҳои ҳисобиро талаб мекунад	Тадқиқоти илмӣ, оптимизатсияи параметрҳои неругоҳи офтобӣ
Оморӣ (Статистикӣ)	Осонии татбиқ, хароҷоти пасти ҳисоббарорӣ	Вобастагӣ аз сифати маълумот	Арзёбиҳои фаврӣ ва пешгӯиҳо
Тақлидӣ (Имитатсионӣ)	Баҳисобгирии динамикаи вақт	Мушкилии танзими моделҳо	Таҳлили реҷаҳои корӣ, пешгӯии истеҳсоли неру
Гибридӣ (Омехта)	Дақиқии баланд, мутобиқшавӣ	Мураккабии татбиқ	Таҳқиқоти муосир, низомҳои зеҳнӣ

Сохтори моделсозии неругоҳи барқи фотоэлектрикӣ. Дар боби якуми диссертатсия сохтори иерархии моделсозӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Раванди моделсозӣ метавонад аз сатҳи унсури алоҳидаи фотоэлектрикӣ ва модули фотоэлектрикӣ оғоз гардида, пайдарпай то сатҳи гурӯҳҳои модулҳои фотоэлектрикӣ, таҷҳизоти табдилдиҳандаи энергияи офтоб ба неруи барқ, низомҳои идоракунӣ ва захиракунии энергия ва дар ниҳоят то сатҳи ҳамгироии объект бо низоми энергетикӣ васеъ карда шавад.

Чунин равиши иерархӣ имкон медиҳад таъсири параметрҳои унсурҳо ва модулҳои алоҳида, талафот дар таҷҳизоти фотоэлектрикӣ, хусусиятҳои таҷҳизоти табдилдиҳанда ва шароити умумии истифодабарӣ пайдарпай таҳлил карда шаванд. Истифодаи ин равиш имкон медиҳад таъсири омилҳои асосӣ, аз ҷумла шароити иқлимӣ ва хусусиятҳои истифодабарӣ, ба назар гирифта шуда, дақиқии пешгӯии истеҳсоли неруи барқ баланд бардошта шавад.

Таҳлили воситаҳои барномавии моделсозӣ. Дар боби якум бо мақсади интихоби асоснок ва истифодаи минбаъда дар таҳқиқот воситаҳои муосири барномавии моделсозии неругоҳҳои барқи фотоэлектрикӣ муқоиса карда шудаанд (ҷадвали 2). Аз ҷумла, воситаҳои барномавии PVGIS, PVsyst, PV*SOL, HelioScope, SAM, MATLAB/Simulink ва HOMER Pro аз рӯйи таъйинот, имкониятҳои асосии ҳисобкунӣ, афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои онҳо таҳлил гардидаанд.

Сохтори иерархии моделсозӣ дар расми 2 оварда шудааст. Дар расм сатҳҳои моделсозӣ аз элементҳои алоҳидаи фотоэлектрикӣ (ЭФЭ) ва модулҳо то ҳамгироии объект бо низоми энергетикӣ нишон дода шудаанд.



Расми 2. – Сохтори иерархии моделсозии неругоҳи барқи офтобӣ

Дар асоси таҳлили анҷомдодашуда ва арзёбии муқоисавии воситаҳои барномавии моделсозӣ, барои моделсозии неругоҳи барқи автономии фотоэлектрикӣ ҳамчун воситаҳои асосии таҳқиқот PVsyst ва MATLAB/Simulink интихоб гардиданд.

Дар бобҳои минбаъда натиҷаҳои моделсозии объекти таҳқиқот кори неругоҳи барқи автономии фотоэлектрикӣ пешниҳод карда мешаванд. Бо дарназардошти вазифаҳои гузошташуда, воситаҳои барномавии интихобшуда ба мақсад ва талаботи моделсозии анҷомдодашаванда бештар мувофиқ дониста шуданд.

Ҷадвали 2. Таҳлили муқоисавии воситаҳои барномавии моделсозии неругоҳҳои барқи фотоэлектрикӣ

Воситаҳои барномавӣ	**Самти асосии истифодабарӣ**	**Хусусиятҳои асосӣ**
PVGIS	Арзёбии иқлимӣ ва ибтидоии лоиҳа	Маълумоти метеорологӣ
PVsyst,	Лоиҳакашӣ ва моделсозии НБОФ	Ҳисоби муфассали энергетикӣ
PV*SOL	Ҳисобкунии НБОФ-и тақсимшудаи ҳамгирошуда ба бино	Моделсозии 3D
SAM	Таҳлили техникӣ-иқтисодӣ	Моделсозии молиявӣ (NPV, IRR, LCOE)
HOMER Pro	Низомҳои мустақил ва гибридӣ (омехта)	Оптимизатсияи сохтор

Таъсири омилҳои иқлимӣ ба кори неругоҳи барқи фотоэлектрикӣ. Қисми муҳими боби якум ба таҳлили омилҳои иқлимие бахшида шудааст, ки ба кори неругоҳи барқи фотоэлектрикӣ таъсир мерасонанд. Муайян карда шуд, ки ҳаҷми воқеии истеҳсоли неруи барқ аз радиатсияи офтобӣ, ҳарорати муҳити атроф, суръати шамол, абрнокӣ, намнокии ҳаво ва ифлосшавии сатҳи модулҳои фотоэлектрикӣ вобастагӣ дорад. Радиатсияи офтобӣ

ҳамчун манбаи асосии энергия бевосита сатҳи истеҳсоли неруи баркро муайян менамояд. Дар баробари ин, ҳарорати муҳити атроф ва ҳарорати кории модулҳои фотоэлектрикӣ ба параметрҳои электрикии онҳо таъсири мустақим мерасонанд. Барои минтақаҳои хушк ва ҷанубии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъшавии ғубор дар сатҳи модулҳо низ ҳамчун яке аз омилҳои муҳими пайдоиши талафоти энергетикӣ арзёбӣ мегардад.

Барои шароити шаҳри Бохтар параметрҳои мавсимии иқлимӣ таҳлил карда шуда, натиҷаҳои бадастомада дар ҷадвали 3 оварда шудаанд. Тибқи маълумоти ҷадвали 3, дар фасли тобистон радиатсияи офтобӣ ба 6,5-7,5 кВт·соат/м², ҳарорати муҳити атроф ба 28-38 °С ва суръати шамол ба 2,5-3,0 м/с мерасад. Натиҷаҳои бадастомада зарурати ба инобат гирифтани омили ҳароратиро ҳангоми моделсозии кори неругоҳҳои барқи фотоэлектрикӣ тасдиқ менамоянд.

Ҷадвали 3. Параметрҳои иқлими минтақаи истифодашаванда ҳамчун объекти таҳқиқотӣ

Параметрҳо	**Дар фасли зимистон**	**Дар фасли баҳор**	**Дар фасли тобистон**	**Дар фасли тирамоҳ**
Радиатсия (кВт·ч/м^2)	2,5-3,2	4,5-5,5	6,5-7,5	3,5-4,5
Ҳарорат (^{o}C)	8-2	12-20	28-38	15-25
Суръати шамол (м/с)	1,5-2,5	2,0-3,0	2,5-3,0	1,5-2,5

Яке аз омилҳое, ки ба самаранокии неругоҳҳои фотоэлектрикӣ таъсири манфӣ мерасонад ин ифлосшавӣ ё ҷанголудшавии сатҳи МФЭ ба ҳисоб меравад. Барои раванди ифлосиҳо ҳам модели хаттӣ ва ҳам модели экспоненсиалӣ пешниҳод шудаанд. Ҳамзамон, таъсири боришоти атмосферӣ ҳамчун механизми қисман ё пурра тоза намудани сатҳи модул ба ҳисоб гирифта шудааст. Дар натиҷаи модели умумии иқтидори истеҳсолии неругоҳи фотоэлектрикӣ пешниҳод гардида, дар он радиатсияи офтобӣ, ҳарорати элементи фотоэлектрикӣ ва сатҳи ифлосшавӣ ба назар гирифта шудаанд.

Барои тавсифи миқдории ин таъсири ифлосшавӣ, зариби ифлосшавӣ ҷорӣ карда мешавад, ки коҳиши нисбии иқтидорро инъикос менамояд:

$$P_{eff}(t) = P_0(t) \cdot (1 - L_s(t)) \quad (1)$$

«Дар ин ҷо: $P_{eff}(t)$ – иқтидори воқеии неругоҳи фотоэлектрикӣ бо дарназардошти ифлосшавӣ, $P_0(t)$ – иқтидор ҳангоми тоза будани сатҳи модули офтобӣ», $L_s(t)$ – талафоти нисбӣ аз ифлосшавӣ.

Динамикаи ҷамъшавии ифлосиҳоро метавон дар шакли вобастагии хаттӣ ифода намуд:

$$L_s(t) = k \cdot t \quad (2)$$

Дар ин ҷо (k) – коэффисенти суръати ифлосшавӣ (вобаста ба шароити иқлимӣ), (t) – вақти истифодабарӣ бе тоза кардани сатҳи модул мебошад.

Дар моделҳои дақиқтар вобастагии экспоненсиалӣ истифода мешавад, ки сершавии қабати ифлосиҳоро ба назар мегирад:

$$L_s(t) = L_{\max} \cdot (1 - e^{-kt}) \quad (3)$$

Ин ҷо L_{max} – сатҳи ниҳоии ифлосшавӣ мебошад.

Боришоти атмосферӣ ба ҳолати сатҳи модулҳо таъсир расонида, тоза шудани қисман ё пурраи онҳоро таъмин мекунад. Ин равандро тавассути зариби (коэффисенти) барқароршавӣ ба назар гирифтан мумкин аст:

$$L_s(t^+) = L_s(t^-) \cdot (1 - \eta_{rain}) \quad (4)$$

Дар ин ҷо, $L_s(t^-)$ – сатҳи ифлосшавӣ то боридани боришот, $L_s(t^+)$ – сатҳи ифлосшавӣ пас аз тоза шудан, η_{rain} – зариби тозакунӣ (0-1), ки аз шиддатнокии боришот вобаста мебошад.

«Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, модели математикии ниҳоии иқтидори истеҳсолии неругоҳи фотоэлектрикӣ дар шакли зерин ифода карда мешавад»:

$$P(t) = P_{nom} \cdot \frac{G(t)}{G_{STC}} \cdot [1 + \gamma(T_c(t) - T_{ref})] \cdot (1 - L_s(t)) \quad (5)$$

«Дар ин ҷо, P_{nom} – иқтидори номиналии неругоҳи фотоэлектрикӣ, $G_{(t)}$ – радиатсияи ҷории офтобӣ, G_{STC} – радиатсияи офтобӣ дар шароити стандартии санҷишӣ, γ – зариби ҳароратии иқтидор», «$T_c(t)$ – ҳарорати элементи фотоэлектрикӣ, T_{reff} – ҳарорати стандартӣ (одатан 25 ^oC), $L_s(t)$ – сатҳи ифлосшавии ҷорӣ»

Модели математикӣ ва асосноккунии самти минбаъдаи таҳқиқот. Барои ба таври миқдорӣ ба ҳисоб гирифтани таъсири ҳарорат дар моделҳои фотоэлектрикӣ зариби ҳароратии иқтидор истифода карда мешавад. Ҳамчунин модели эмпирикии муайян кардани ҳарорати элементи фотоэлектрикӣ дар асоси ҳарорати номиналии кори элемент NOCT баррасӣ ва таҳлил гардидаанд.

Барои шароити иқлими гарм муайян карда шудааст, ки ҳарорати МФЭ метавонад ба 45-55 ^oC ва бештар расида, талафоти иқтидор нисбат ба шароити стандартӣ то15-25 % афзоиш ёбад. Бинобар ин, ба ҳисоб гирифтани таъсири ҳарорат ҳангоми моделсозӣ барои баланд бардоштани дақиқии пешгӯии истеҳсоли неруи барқ, интихоби таҷҳизот, таҳияи чораҳои хунуккунӣ ва оптимизатсияи кори низоми фотоэлектрикӣ аҳамияти муҳим дорад.

<u>Дар боби дуюм</u> «***Таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавии таъсири ҳарорат ба самаранокии энергетикии модулҳои фотоэлектрикӣ***» «таъсири реҷаи ҳароратӣ ба параметрҳои электрикӣ ва энергетикии модулҳои фотоэлектрикӣ таҳқиқ гардида, натиҷаҳои таҳлили назариявӣ бо маълумоти таҳқиқоти таҷрибавӣ дар шароити воқеии истифодабарӣ муқоиса карда шудаанд». Дар қисми назариявӣ нишон дода шудааст, ки баланд шудани ҳарорати кори МФЭ пеш аз ҳама ба коҳиши шиддати кори бебор ва шиддат дар нуқтаи иқтидори максималӣ оварда, тағйирёбии ҷараён нисбатан ночиз мемонад. Дар натиҷа иқтидори истеҳсолӣ ва зариби кори фоиданоки модул коҳиш меёбанд.

«Барои модули дар таҳқиқот истифодашавандаи SOLARMODUL Aleo S19 HE 300 W Supercharged дар шароити стандартии санҷиш STC иқтидори максималӣ 300 Вт, зариби кори фоиданок 16,7 %, шиддат дар нуқтаи иқтидори максималӣ 31,2 В, ҷараён 9,63 А, шиддати кори бебор 39,4 В ва ҷараёни расиши кӯтоҳ 9,97 А мебошад. Зариби ҳароратии шиддат -0,29 %/К ва зариби ҳароратии иқтидори максималӣ -0,40 %/К-ро ташкил медиҳад».

Ҳисобҳои муқоисавӣ (ҷадвали 4) нишон доданд, ки ҳангоми баланд шудани ҳарорати элементи фотоэлектрикӣ аз 25 то 55 ^oC, иқтидори максималии модул аз 300 то 264 Вт коҳиш меёбад, яъне талафоти ҳисобии иқтидор тақрибан 12 %-ро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, шиддат дар нуқтаи иқтидори максималӣ аз 31,2 то 28,5 В ва шиддати кори бебор аз 39,4 то 36,0 В коҳиш ёфта, ҷараён танҳо ба андозаи кам зиёд мешавад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти таҷрибавӣ (саҳроӣ). Таҳқиқот дар неругоҳи барқи офтобии автономии иқтидораш 10 кВт, воқеъ дар ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон, дар заминаи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Маҳали таҳқиқот дар баландии 419 м аз сатҳи баҳр, бо координатаҳои 37,872^o арзи шимолӣ ва 68,724^o тӯли шарқӣ ҷойгир мебошад. Барои гузаронидани таҳқиқоти таҷрибавӣ ду модули монокристаллии навъи SOLARMODUL Aleo S19 HE 300 W истифода гардиданд, ки бо кунҷи майлкунии 45^o насб шудаанд.

Дар шароити воқеии истифодабарӣ дар МФЭ мавриди таҳқиқ ченкунии параметрҳои электрикӣ ва ҳароратӣ гузаронида шуд. Ин имкон дод, ки таъсири ҳарорат ба тавсифоти электрикии модулҳо ва самаранокии воқеии энергетикии онҳо дар реҷаҳои гуногуни корӣ арзёбӣ карда шавад. Натиҷаҳои таҳлили муқоисавии ҳисобии тавсифоти модули мавриди таҳқиқ дар ҷадвали 4 оварда шудаанд.

Ҷадвали 4. Таҳлили муқоисавии хусусиятҳои модули Aleo S19 HE 300W дар шароити стандартии санҷиш (STC) ва шароити воқеии истифодабарӣ

Параметрҳои модул	**Ишоратҳои хуруфӣ**	**шароити стандартии санҷиш (STC) (25 °C)**	**Шароитҳои ҳисобӣ барои н. Кӯшониён (ҳарорати элементҳо 35 °C)**	**Шароитҳои ҳисобӣ барои н. Кӯшониён (ҳарорати элементҳо 55 °C)**	**Майлкунии параметрҳо ҳангоми 55 °C, %**
Иқтидори максималӣ	P_{max}	300 Вт	288,0 Вт	264,0 Вт	–12,0%
Шиддат дар нуқтаи иқтидори максималӣ	U_{mp}	31,2 В	30,3 В	28,5 В	–8,7%
Ҷараён дар нуқтаи иқтидори максималӣ	I_{mp}	9,97 А	9,68 А	9,77 А	+1,5%
Шиддати кори бебор	U_{oc}	39,4 В	38,3 В	36,0 В	–8,6%
ЗКФ-и модул	η	16,7 %	16,0 %	14,7 %	–12,0%

Хусусиятҳои муҳими таҷриба аз он иборат буд, ки як модул мунтазам аз чанг ва ифлосшавӣ тоза карда шуда, модули дуюм ба ҷамъшавии табиии чанг дучор карда шуд. Ин имконият дод, ки на танҳо таъсири мустақими ҳарорат, балки таъсири якҷояи ҳарорати баланд ва чанголудшавии сатҳи модул ба нишондиҳандаҳои энергетикии он арзёбӣ карда шавад.




Расми 3. – «Намуди зоҳирии дастгоҳи таҷрибавӣ барои муайян намудани истеҳсоли неруи барқ аз модулҳои фотоэлектрикӣ дар шароити ноҳияи Кӯшониён, ҶТ: *(1 – модули фотоэлектрикии тозашуда; 2 – модули фотоэлектрикии табиатан чанголудшуда; 3 – люксметри рақамии навъи MS6610; 4 – мултиметри рақамии навъи CHYVictorVC890D; 5 – термометр/гидрометри навъи TH90; 6 – термометри инфрасурхи навъи IR01D; 7 – лампаҳои галогенӣ»*

Таҳқиқоти саҳроӣ моҳи апрели соли 2023 дар давоми якчанд рӯз пай дар пай гузаронида шуда, ченкуниҳо ҳар рӯз аз соати 11:00 то 16:00, яъне дар давраи баланд будани шиддатнокии радиатсияи офтобӣ ва гармшавии модулҳо, анҷом дода шудаанд. Дар рафти таҷриба ҳарорати ҳаво, ҳарорати сатҳи пеш ва пушти модул, шиддатнокии радиатсияи офтобӣ, намнокии нисбӣ, суръати бод, шиддат, ҷараён ва иқтидори истеҳсолии модулҳо ба қайд гирифта шуданд.

Натиҷаҳои ченкуниҳои саҳроӣ нишон доданд, ки ҳарорати сатҳи модулҳо аз ҳарорати ҳаво ба таври назаррас баландтар мебошанд. Ҳангоми ҳарорати ҳавои 35-37 ºС ҳарорати сатҳи болои модул ба 55-60 ºС расида, ҳарорати сатҳи пушти он дар баъзе соатҳо аз 65 ºС зиёд гардид. Баландтарин гармшавии модулҳо дар фосилаи соатҳои 12:00-14:00, ки ба давраи баландтарин шиддатнокии радиатсияи офтобӣ мувофиқат мекунад, мушоҳида карда шуд. Дар натиҷаи коркарди маълумоти таҷрибавӣ муқаррар гардид, ки баланд шудани ҳарорати кори модул бо коҳиши шиддати истеҳсолӣ ҳамроҳ гашта, тағйирёбии ҷараён нисбатан кам боқӣ мемонад.


Натиҷаҳои махсусан муҳими муқоисаи модули тоза ва модули чанголуд ба даст оварда шуданд (расми 4). Муайян гардид, ки модули чанголуд дар тамоми диапазони таҳқиқшуда иқтидори истеҳсолии камтар дошта, талафоти бештар дар соатҳои гармшавии максималии сатҳ ба қайд гирифта шудааст. Иқтидори миёнаи модули тоза дар баъзе давраҳо 280,0-289 Вт, дар ҳоле ки иқтидори модули чанголуд то 196-273 Вт паст гардид. Дар шароити абрнокӣ ва намнокии баланди ҳаво коҳиши иқтидор боз ҳам бештар зоҳир шудааст.



Расми 4. – Динамикаи муқоисавии тағйирёбии иқтидори истеҳсолшавандаи МФЭ-и тозашуда ва чанголуд дар давраи мушоҳидаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ

Яке аз натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқоти таҷрибавӣ ин муайян кардани талафоти иқтидор ҳангоми ҳарорати баланди сатҳи модул ба ҳисоб меравад. Муайян карда шуд, ки ҳангоми расидани ҳарорати сатҳи модул ба тақрибан 60 ºС, иқтидори истеҳсолии он нисбат ба шароити стандартии санҷиш STC метавонад 15-20 % коҳиш ёбад. Ҳамин тариқ, натиҷаи таҷрибавӣ нисбат ба ҳисобҳои назариявӣ таъсири воқеии ҳароратро дар шароити истифодабарии минтақаи гарм равшантар нишон медиҳад.

Дар асоси маълумотҳои таҷрибавӣ вобастагии иқтидори истеҳсолии модул аз ҳарорати сатҳи он муайян карда шуд. Таҳлили графикӣ (расми 5) нишон дод, ки бо баланд шудани ҳарорати сатҳи модул иқтидори истеҳсолӣ мунтазам коҳиш меёбад. Барои модули тоза тамоюли возеҳи манфии ҳароратӣ ба қайд гирифта шуда, ҳангоми ҳарорати муҳити атроф 32-37 ºС, ҳарорати сатҳи модули тоза ба 53-62 ºС расидааст. Ҳамзамон натиҷаҳои таҷрибавӣ нишон доданд, ки чанголудшавӣ таъсири ҳароратиро пурзӯр мекунад. Қабати чанг аз як тараф воридшавии радиатсияи офтобиро ба ЭФЭ маҳдуд намуда, аз тарафи дигар мубодилаи гармиро бо муҳити атроф бад мекунад. Дар натиҷа, модули чанголуд ҳарорати сатҳи баландтар дошта, коҳиши бештари иқтидори истеҳсолиро нишон медиҳад. Дар шароити беруна модули чанголуд ҳарорати сатҳи 50,1-60,8 ºС дошта, дар шароити абрнокии тағйирёбанда иқтидори истеҳсолии он то 111,7-121,15 Вткоҳиш ёфтааст.



Расми 5. – Вобастагиҳои таҷрибавӣ ва тамоюлҳои (тренд) хаттии тағйирёбии иқтидори МФЭ-и тозашуда ва чанголуд ҳангоми тағйирёбии ҳарорати сатҳи он

«Ҳамин тариқ, таҳқиқоти саҳроӣ нишон доданд, ки истифодаи нишондиҳандаҳои номиналии модул дар шароити стандартии STC барои арзёбии истеҳсоли воқеии неруи барқ дар минтақаҳои гарм метавонад ба натиҷаҳои аз воқеият фарқкунанда оварда расонад». Баланд шудани ҳарорати сатҳи модул, махсусан дар якҷоягӣ бо чанголудшавӣ, боиси коҳиши шиддат, иқтидор ва самаранокии энергетикии модул мегардад. Ин натиҷаҳо зарурати ба назар гирифтани ҳарорати воқеии кори модул ҳангоми моделсозӣ ва лоиҳакашии неругоҳҳои барқи офтобиро асоснок мекунанд.


Дар асоси натиҷаҳои таҷрибавӣ истифодаи роҳҳои техникии паст намудани сарбории ҳароратӣ, аз ҷумла шамолдиҳии табиӣ, оптимизатсияи насбкунӣ, конструксияҳои гармихоричкунанда, рӯйпӯшҳои муҳофизатӣ ва тоза нигоҳ доштани сатҳи модулҳо пешниҳод шудааст. Дар таҳқиқот, аз ҷумла, истифодаи плёнкаи махсуси голографӣ барои паст намудани гармшавии сатҳи МФЭ пешниҳод гардидааст. «Инчунин бо мақсади санҷиш ва тасдиқи мутобиқати натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, дар бобҳои минбаъдаи диссертатсия моделсозии компютерӣ бо истифода аз барномаҳои PVsyst ва MATLAB/Simulink гузаронида шудааст».

<u>Дар боби сеюм</u> «***Моделсозии реҷаҳои корӣ ва интихоби таҷҳизотҳои барқи неругоҳи фотоэлектрикӣ дар муҳити барномавии PVsyst бо дарназардошти омилҳои ҳароратӣ***» «дар маҷмуи барномавии PVsyst реҷаҳои кори неругоҳи барқи фотоэлектрикӣ моделсозӣ гардида, интихоби таҷҳизоти электрикии он бо дарназардошти таъсири ҳарорат асоснок карда шудааст». Мақсади асосии моделсозӣ муайян намудани иқтидори зарурии низоми автономии фотоэлектрикӣ, арзёбии таъсири шароити иқлимӣ ва ҳарорат ба истеҳсоли неруи барқ, таҳлили талафоти энергетикӣ ва муайян намудани нишондиҳандаҳои самаранокии низоми автономӣ мебошад.

Моделсозӣ барои шароити маҳалии воқеъ дар ноҳияи Кӯшониён гузаронида шудааст. Координатаҳои ҷуғрофии маҳал 37,872° арзи шимолӣ ва 68,724° тӯли шарқиро ташкил дода, баландии ҷойгиршавӣ аз сатҳи баҳр 419 м мебошад. Барои моделсозӣ самти майлкунии модулҳо нисбат ба самти ҷануб бо азимут 0° ва кунҷи майлкунӣ 45° интихоб карда шудааст. Ҳисобҳо нишон доданд, ки радиатсияи солонаи офтобӣ дар сатҳи майлкардашуда 1946 кВт·соат/м^2-ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба сатҳи уфуқӣ 11,86 % зиёд мебошад. Ин натиҷа самаранокии интихоби кунҷи майлкунии модулҳоро барои шароити мавриди таҳқиқ тасдиқ

менамояд. Барои иҷрои пайдарпайии марҳалаҳои моделсозии тақлидии низоми автономии фотоэлектрикӣ, нақшаи блоки алгоритмӣ таҳияшуда дар расми 6 оварда шудааст. Таҳлили сохтори таҳияшудаи ҳисобкуниҳо (расми 6) нишон медиҳад, ки раванди моделсозӣ хусусияти пайдарпай дорад.


«Дар марҳалаи ибтидоӣ ба модел координатаҳои ҷуғрофии объект ва ҳаҷми сарбории электрикии муайяншуда ворид карда шуда, сипас самтгирии фазоӣ ва конфигуратсияи дастгоҳи фотоэлектрикӣ, инчунин параметрҳои асосии таҷҳизоти қуввагии низоми фотоэлектрикӣ муқаррар карда мешаванд».



Расми 6. – Сохтори иҷрои моделсозӣ дар барномаи PVsyst


Барои муайян намудани иқтидори низоми автономии фотоэлектрикӣ сарбории баркӣ таҳлил карда шуда, шумора, иқтидор ва вақти соатҳои истифодабарии қабулкунакҳои баркӣ дар барнома муайян карда шудааст. Иқтидори насбшудаи сарбории электрикӣ 7 кВт ва истеъмоли миёнаи шабонарӯзии неруи барқ 10,483 кВт·соат/шабонарӯз муайян карда шуд. Дар асоси натиҷаҳои ҳисоб иқтидори насбшудаи низоми фотоэлектрикӣ 13,50 кВтр интихоб карда шуд.

Низом аз модулҳои фотоэлектрикии SOLARMODUL ALEO S19 бо иқтидори номиналии 300 Вт иборат буда, шумораи умумии модулҳо 45 ададро ташкил медиҳад. Барои захиракунии неруи барқ 19 адад батареяи аккумулятории литий-ионӣ бо иқтидори 65,6 А·соат барои як аккумулятор ва иқтидори умумӣ 1246,4 А·соат барои 19 адад ва шиддати номиналии 48 В интихоб карда шудааст. Ҳамчунин, барои таъмини боэътимоди барктаъминкунӣ генератори эҳтиётии дорои иқтидори 3 кВт дар низом ба назар гирифта шудааст. Ҷадвали шабонарӯзии сарбории электрикии истеъмолкунандагон дар расми 7 оварда шудааст.



Расми 7. – Графики сарбории электрикии шабонарӯзии истеъмолкунандагони низоми автономии фотоэлектрикӣ

Яке аз натиҷаҳои муҳими моделсозӣ муайян намудани таъсири ҳарорати муҳити зист ба параметрҳои электрикии модулҳои фотоэлектрикӣ мебошад. Дар барномаи компютерии PVsyst тавсифоти волтамперии модулҳо дар ҳарорати 25 ва 55 ºС сохта таҳлил карда шудааст. Натиҷаҳои моделсозӣ дар графикҳои расми 8 овардашуда нишон медиҳанд, ки бо баланд шудани ҳарорати модул аз 25 то 55 ºС иқтидори максималии он аз 300 Вт то 248,7 Вт коҳиш ёфтааст. Ҳамин тариқ, талафоти иқтидори истеҳсолӣ 51,3 Вт, ё тақрибан 17,1 %-ро ташкил медиҳад. Инчунин бо баланд шудани ҳарорати модул, шиддати кори бебор U_{oc} коҳиш ёфта, тағйирёбии ҷараёни расиши кӯтоҳ I_{sc} нисбатан кам ба назар мерасад.




а) б)

Расми 8. – Таҳлили муқоисавии тавсифоти ҳисобии волтамперӣ (ТВА)-и МФЭ дар ҳарорати кории 25 ºС (а) ва 55 ºС (б)


Барои ба ҳисоб гирифтани таъсири объектҳои атроф ба пешгирӣ намудани радиатсияи офтобӣ дар муҳити PVsyst модели сеченакаи мавқеи ҷойгиршавии модулҳо таҳия карда шуд (расми 9). Дар модели мазкур ҳаракати Офтоб ва минтақаҳои эътимолии соягузорӣ аз ҷониби объектҳои доимӣ ба назар гирифта шуда, таъсири онҳо ба радиатсияи қабулшаванда арзёбӣ гардид. Моделсозии сеченака имконият медиҳад, ки таъсири соягузории геометрӣ пеш аз интихоби ниҳоии ҷойгиршавии модулҳо муайян карда шавад.

Натиҷаҳои ҳисобкуниҳои энергетикӣ дар барномаи PVsyst нишон доданд, ки радиатсияи самараноки офтобӣ дар сатҳи массиви фотоэлектрикӣ 1756 кВт·соат/м^2-ро ташкил медиҳад. «Энергияи номиналии истеҳсошавандаи солонаи низоми фотоэлектрикӣ дар шароити стандартии STC 24180 кВт·соат ҳисоб карда шуд. Самаранокии умумии низоми фотоэлектрикӣ 14,78 %-ро ташкил дод». «Таҳлили тавозуни энергетикӣ нишон дод, ки талафот вобаста ба баландшавии ҳарорат 4,0 %, талафоти вобаста ба таназзули модулҳо 0,75 %, талафот дар пайвастагиҳо 2,6 % ва талафоти омикӣ дар занҷирҳои ҷараёни доимӣ 5,13 %-ро ташкил медиҳанд». Баъд аз ба ҳисоб гирифтани талафоти асосӣ, энергияи самараноки дар низом истеҳсолшуда 4071 кВт·соат/сол муайян карда шуд.



«Расми 9. – Модели сеченакаи низоми фотоэлектрикӣ ва таъсири соягузории объектҳои атроф»


«Дар натиҷаи моделсозии минбаъдаи низоми автономӣ (расми 10) бо дарназардошти кори инвертор», аккумулятор ва дигар элементҳои низом, миқдори неруи барқе, ки барои интиқол ба истеъмолкунанда дастрас мегардад, 3612 кВт·соат/солро ташкил дод.



Расми 10. – Тавозуни энергетикӣ ва сохтори талафоти низоми фотоэлектрикӣ

Нишондиҳандаҳои энергияи ба истеъмолкунанда додашудаи ба меъёри даровардашуда (Yf) ба ҳисоби миёна 0,72 кВт·соат/(кВтр·шабонарӯз) баробар мебошад. Энергияи истифоданашуда ҳангоми пур будани аккумулятор (Lu) 3,24 кВт·соат/(кВтр·шабонарӯз) ва талафоти ҷамъоварӣ дар массиви фотоэлектрикӣ (Lc) 1,28 кВт·соат/(кВтр·шабонарӯз) ва талафоти низомӣ ва талафот ҳангоми пуркунии заряди аккумуляторҳо (Ls) 0,09 кВт·соат/(кВтр·шабонарӯз)-ро ташкил медиҳанд.

Арзёбии нишондиҳандаҳои интегралии кори низоми фотоэлектрикӣ (расми 11) нишон дод, ки зариби истеҳсолнокии он (PR) 0,165 ё 16,5 % ва ҳиссаи энергияи офтобӣ дар пӯшонидани сарбории электрикӣ (SF) 0,985 ё 98,5 %-ро ташкил медиҳад. Қимати SF нишон медиҳад, ки 98,5 % талаботи солонаи неруи барқи истеъмолкунанда аз ҳисоби энергияи офтобӣ таъмин карда мешавад. Ҳамзамон, қимати PR таъсири маҷмуи омилҳои иқлимӣ, ҳароратӣ, техникӣ ва талафоти дохилии низоми фотоэлектрикиро инъикос менамоянд.



Расми 11. – Нишондиҳандаҳои интегралии PR ва SF-и низоми фотоэлектрикӣ

Ҳамин тариқ, «моделсозии низоми автономии фотоэлектрикӣ дар муҳити PVsyst имкон дод, ки параметрҳои асосии низом барои шароити ноҳияи Кӯшониён муайян ва асоснок карда шаванд». Натиҷаҳои бадастомада нишон доданд, ки барои арзёбии истеҳсоли воқеии неруи барқ истифодаи танҳо параметрҳои номиналии модулҳо дар шароити стандартии STC кифоя нест. Таъсири ҳарорат, радиатсияи офтобӣ, соягузорӣ ва талафоти энергетикии элементҳои низом бояд дар ҳисобҳои энергетикӣ ба назар гирифта шавад. Моделсозии анҷомдодашуда барои интихоби иқтидори асосноки НФЭ ва таҷҳизоти барқӣ, инчунин баҳодиҳии нишондиҳандаҳои энергетикии низоми автономии фотоэлектрикӣ заминаи ҳисобӣ фароҳам овард.

<u>Дар боби чорум</u> «*Таҳқиқи реҷаҳои кори дастгоҳҳои фотоэлектрикӣ дар асоси моделсозии равандҳои ҳароратӣ*» таҳқиқ гардида, методикаи ҳисоб ва арзёбии нишондиҳандаҳои электрикии МФЭ бо дарназардошти истифодаи муҳофизати гармии модул-термомуҳофизат таҳия карда шудааст. барои ҳисобҳо модули фотоэлектрикии SOLARMODUL ALEO S19 бо иқтидори номиналии 300 Вт истифода гардида, таъсири ҳарорати муҳити атроф ба параметрҳои электрикии он дар реҷаҳои гуногуни ҳароратӣ таҳлил карда шудааст. Ҳамзамон дар боби чорум таъсири ҳарорати муҳити атроф ба нишондиҳандаҳои электрикии МФЭ ва самаранокии термомуҳофизати пешниҳодшуда бо истифода аз ҳисобҳои математикӣ арзёби гардида, дар асоси натиҷаҳои бадастомада тавсифоти волтамперӣ ва тавоноии модул сохта шудаанд.

Барои муайян кардани таъсири миқдории ҳарорат ба параметрҳои асосии МФЭ панҷ нишондиҳанда ҳисоб карда шудаан: ҷараёни расиши кӯтоҳ, ҳарорати кории ЭФЭ, шиддати кори бебор, иқтидори максималии истеҳсолӣ ва зариби пуршавии модул. Дар модели соддакардашуда таъсири ҳарорат ба ҷараёни расиши кӯтоҳ ба назар гирифта нашудааст, зеро зариби ҳароратии ҷараён нисбат ба зариби ҳароратии шиддат хеле хурд мебошад. Ҷараёни ҳисобии расиши кӯтоҳ вобаста ба зичии иқтидори радиатсияи офтобӣ аз руйи муодилаи зерин муайян карда шудааст:

$$I_{PK} = I_{SC} \cdot \frac{E}{E_{STC}}, \quad A \tag{6}$$

Дар ин ҷо $I_{рк}$ – ҷараёни РК-и МФЭ, А; I_{STC} – ҷараёни РК-и МФЭ "дар шароити стандартии санҷиш (STC), ки барои модули таҳқиқшаванда 9,97 А мебошад; E – зичии радиатсияи офтобӣ, Вт/м^2; E_{STC} – зичии иқтидори радиатсияи офтобӣ дар шароити STC, ки ба 1000 Вт/м^2 баробар аст».

«Ҳарорати кории ЭФЭ бо дарназардошти ҳарорати муҳити атроф ва зичии иқтидори радиатсияи офтобӣ аз рӯйи муодилаи зерин ҳисоб карда шудааст:

$$T_{ЭОФ.} = T_{мух.атр.} + E \cdot \left(\frac{T_{NOCT} - 20}{800} \right), \quad ^{o}C \tag{7}$$

Дар ин ҷо $T_{ЭОФ}$ – ҳарорати кории ҳисобии ЭФЭ, ºС; $T_{муҳ.атр.}$ – ҳарорати муҳити атроф, ºС; 20 ºС ва 800 Вт/м^2 параметрҳои шароити муайян намудани NOCT мебошанд».

Барои ба ҳисоб гирифтани таъсири термомуҳофизат ба тағйирёбии шиддати кори бебор $U_{КБ}$ муодилаи зерин истифода карда шуд.

$$U_{КБ} = U_{OC,STC} + K_U \cdot Z_{МГМ} (T_{эл.офт.} - 25), \quad B \tag{8}$$

«Дар ин ҷо $U_{КБ}$ – шиддати ҳисобии кори бебори МФЭ, В; $U_{OC,STC}$ – шиддати кори бебор дар шароити стандартии STC, В; K_U = –0,29 %/ºС ё –0,114 В/ºС – зариби ҳароратии шиддати модул; $Z_{МГМ}$ – зариби муҳофизати гармии модул, ºС; $T_{эл.офт.}$ – ҳарорати кории ҳисобии элементи фотоэлектрикӣ, ºС. Ҳангоми $Z_{МГМ}$ = 1 вобастагии стандартии ҳароратии шиддат қабул гардида, ҳангоми 0 < $Z_{МГМ}$ < 1 коҳиши таъсири ҳароратӣ дар натиҷаи истифодаи термомуҳофизат ба назар гирифта мешавад».

Иқтидори максималии истеҳсолии модул бо дарназардошти ҷараёни РК, шиддати кори бебор ва зариби пуршавӣ аз рӯйи муодилаи зерин муайян карда мешавад:

$$P_{макс} = I_{PK} \cdot U_{КБ} \cdot F_{ММ}, \quad Вт \tag{9}$$

Дар ин ҷо $F_{ММ}$ – зариби пуршавии МФЭ мебошад. Дар доираи модели қабулшуда $F_{ММ}$ доимӣ ҳисобида шуда, аз ҳарорати элементи фотоэлектрикӣ ва зичии иқтидори радиатсияи офтобӣ вобаста карда нашудааст.

Барои муайян кардани зариби пуршавии модул дар шароити номиналӣ муодилаи (10) истифода гардид:

$$F_{ММ} = \frac{P_{макс}}{U_{КБ} \cdot I_{PK}} \tag{10}$$

Дар ин ҷо $P_{макс}$ – иқтидори максималии номиналии истеҳсолии МФЭ мебошад, ки аз ҷониби истеҳсолкунанда барои шароити стандартии санҷиш (STC), зичии иқтидори радиатсияи офтобӣ 1000 Вт/м^2, ҳарорати элементи фотоэлектрикӣ 25 ºС ва тақсимоти спектралии АМ 1,5 дода шудааст.


Натиҷаҳои ҳисобкунии нишондиҳандаҳои асосии электрикии МФЭ, ки бо истифода аз формулаҳои (6)-(10) барои ҳарорати гуногуни муҳити атроф ва бо дарназардошти таъсири термомуҳофизат ба даст оварда шудаанд, дар ҷадвали 5 оварда шудаанд.

Ҷадвали 5. Натиҷаҳои ҳисобии тавсифоти электрикии МФЭ SOLARMODUL ALEO S19 бо дарназардошти таъсири термомуҳофизат

Шартҳо	Ҳарорати муҳити атроф ($T_{муҳ.атр.}$, °C)	Ҳарорати кории эл. офтобӣ (ячейкаҳо), бе истифодаи ТМ ($T_{э.оф}$, °C)	Ҳарорати кории эл. офтобӣ (ячейкаҳо), бо истифодаи ТМ ($T_{э.оф}$, °C)	Ҷараёни расиши кӯтоҳ (I_{sc}, A)	Шиддати кори бебор бе истифодаи ТМ (U_{oc}, B)	Шиддати кори бебор бо истифодаи ТМ (U_{oc}, B)	Иқтидори максималии истеҳсолӣ бе истифодаи ТМ (P_{max}, Bm)	Иқтидори максималии истеҳсолӣ бо истифодаи ТМ (P_{max}, Bm)
Шароити (STC)	-	25	25	9,97	39,4	39,4	300	300
Реҷаҳои ҳисобӣ	25	60,0	55,0	9,92	35,31	35,88	274,0	278,01
	35	70,0	65,0	9,97	34,17	34,74	266,58	270,5
	45	80,0	75,0	10,02	33,03	33,60	259,0	262,91
	55	90,0	85,0	10,07	31,89	32,46	251,39	255,23

Маълумоти ҷадвали 5 нишон медиҳад, ки ҳангоми баланд шудани ҳарорати кории ЭФЭ шиддати кори бебор ва иқтидори максималии истеҳсолӣ коҳиш меёбанд. Масалан, ҳангоми ҳарорати муҳити атроф 45 ºС иқтидори ҳисобии модул бе термомуҳофизат 259,0 Вт, бо он бошад 262,91 Вт-ро ташкил медиҳад. Дар натиҷа, истифодаи термомуҳофизат ба паст шудани ҳарорати кории ЭФЭ ва қисман барқарор шудани шиддат ва иқтидори максималии истеҳсолии модул мусоидат мекунад.


Натиҷаҳои ҳисобӣ ва муқоисаи тавсифоти тавоноии МФЭ дар расми 12 оварда шудаанд.



а) б)


Расми 12. – «Тавсифоти тавоноии МФЭ SOLARMODUL ALEO S19: а) бе истифодаи термомуҳофизат ва б) бо истифодаи термомуҳофизат ҳангоми ҳароратҳои гуногуни муҳити атроф»

«Барои муайян кардани таъсири термомуҳофизати пешниҳодшуда ба тавсифоти электрикии МФЭ нақшаи сохтории муайян намудани параметрҳои асосии он таҳия карда шудааст» (расми 13). Дар ин нақша таъсири МГМ ба ҳарорати самаранокии кории элементи фотоэлектрикӣ ва истифодаи ҳарорати бадастомада барои муайян намудани ҷараёни РК, шиддати кори бебор ва иқтидори максималии ҳисобии модул нишон дода шудааст.



Расми 13. – «Нақшаи сохтории муайян намудани тавсифоти электрикии МФЭ дар шароити истифодабарӣ бо дарназардошти термомуҳофизат».

Барои санҷиши натиҷаҳои ҳисобӣ таҳқиқоти таҷрибавии ҳарорати сатҳи МФЭ дар қиматҳои гуногуни ҳарорати муҳити атроф ва радиатсияи офтобӣ гузаронида шуда, дар асоси маълумоти бадастомада бо истифода аз таҳлили регрессионӣ ва усули хурдтарин квадратҳо модели вобастагии фарқи ҳарорати МФЭ-и дорои термомуҳофизат ва бе он аз ҳарорати муҳити атроф таҳия карда шуд (расми 14).




а) б)

Расми 14. – «Модели регрессионии вобастагии фарқи ҳарорати байни МФЭ-и дорои а) термомуҳофизат ва б) бе он аз ҳарорати муҳити атроф»


«Натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ нишон додан, ки ҳангоми ҳарорати муҳити атроф 45 °С будан, ҳарорати кории модул бе термомуҳофизат 62,13 °С, бо истифодаи термомуҳофизат 58,6 °С-ро ташкил медиҳад». Ҳамин тариқ, истифодаи термомуҳофизати пешниҳодшуда ҳарорати кории модулро ба 3,53 °С ё тақрибан 5,7 %, коҳиш медиҳад. Ин натиҷа самаранокии таъсири термомуҳофизатро дар паст намудани сарбории ҳароратии МФЭ тасдиқ менамояд.

Минбаъд дар ин боб барои тасдиқи мувофиқати натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавии бадастомада ва самаранокии термомуҳофизат дар муҳити барномавии MATLAB/Simulink модели математикии дастгоҳи фотоэлектрикӣ таҳия карда шуд (расми 15). Дар модели пешниҳодшуда таъсири ҳарорати муҳити атроф ба ҳарорати кории МФЭ ва таъсири минбаъдаи он ба параметрҳои электрикии модул ба назар гирифта шудааст. Модел имконият медиҳад, ки ду реҷаи кори МФЭ бе термомуҳофизат ва бо он дар шароити якхелаи истифодабарӣ муқоиса карда шаванд.




Расми 15. – «Модели дастгоҳи фотоэлектрикӣ дар муҳити MATLAB/Simulink бо истифодаи блоки муҳофизати гармии модул»

«Бо мақсади арзёбии таъсири термомуҳофизати пешниҳодшуда ба параметрҳои электрикии модули фотоэлектрикӣ, сохтори блоки муҳофизати гармии модул (МГМ) дар муҳити MATLAB/Simulink таҳия ва амалӣ карда шуда, он барои моделсозии тағйирёбии ҳарорати кории элементи фотоэлектрикӣ ва ҳисобкунии параметрҳои асосии электрикии модул истифода гардид (расми 16)».




Расми 16. – Сохтори блоки муҳофизати гармии модул дар муҳити MATLAB/Simulink

Барои ҳарорати муҳити атроф 45 ºС натиҷаҳои моделсозӣ нишон доданд, ки паст шудани ҳарорати кории ЭФЭ боиси кам шудани талафоти иқтидор ва беҳтар шудани параметрҳои электрикии модул мегардад. Аз ҷумла, нигоҳ доштани ҳарорати ЭФЭ дар сатҳи нисбатан пасттар имкон медиҳад, ки шиддати кори бебор ва шиддат дар нуқтаи максималии иқтидор дар сатҳи баландтар нигоҳ дошта шуда, иқтидори максималии истеҳсолии модул нисбат ба ҳолате бе термомуҳофизат беҳтар гардад. Натиҷаҳои моделсозӣ дар шакли тавсифоти волтамперӣ ва тавоноии МФЭ дар расми 17 оварда шудааст.



а)



б)

Расми 17. – «Тавсифоти волтамперӣ (I-V) ва тавоноӣ (P-V)-и МФЭ ҳангоми ҳарорати муҳити атроф 45 ºС будан: а) бе термомуҳофизат; б) бо термомуҳофизат»

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ, таҷрибавӣ ва моделсозӣ методикаи баҳодиҳии таъсири ҳарорат ба параметрҳои электрикии модули фотоэлектрикӣ бо дарназардошти термомуҳофизат таҳия ва асоснок карда шуд. Муодилаҳои пешниҳодшуда имкон медиҳанд, ки ҳарорати кории элементи фотоэлектрикӣ, ҷараёни расиши кӯтоҳ, шиддати кори бебор, зариби пуршавӣ ва иқтидори максималии истеҳсолии модул дар шароити гуногуни истифодабарӣ ҳисоб карда шаванд.

Натиҷаҳои ҳисобӣ ва таҷрибавӣ нишон доданд, ки истифодаи термомуҳофизат ба паст шудани ҳарорати кории МФЭ, кам шудани талафоти ҳароратии иқтидор ва нигоҳ доштани параметрҳои электрикии модул дар сатҳи нисбатан баландтар мусоидат менамояд. Модели таҳияшуда дар муҳити MATLAB/Simulink барои муқоисаи реҷаҳои кори МФЭ ва арзёбии миқдории таъсири ҳарорат ба нишондиҳандаҳои электрикӣ истифода гардида, барои таҳлили кори дастгоҳҳои фотоэлектрикӣ дар шароити ҳарорати баланди муҳити атроф, аз ҷумла шароити иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон, заминаи ҳисобӣ фароҳам меорад.

ХУЛОСАҲО ВА ТАВСИЯҲО

1. Омӯзиши таҳқиқоти мавҷуда ва таҳлили омилҳои таъсиррасон ба кори неругоҳҳои фотоэлектрикӣ нишон дод, ки ҳолати ҳароратии модулҳо дар ташаккули нишондиҳандаҳои энергетикии система нақши муҳим дорад. «Баландшавии ҳарорати корӣ боиси тағйирёбии параметрҳои асосии электрикӣ гардида, пеш аз ҳама коҳиши шиддати кори бебор ва

иқтидори максималии модулро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, ба инобат гирифтани таъсири ҳарорат ҳангоми арзёбӣ ва моделсозии истеҳсоли неруи барқ зарур мебошад» [4-М, 5-М, 6-М, 8-М, 14-М, 16-М].

2. «Қонуниятҳои таъсири ҳарорат ба параметрҳои электрикӣ ва энергетикии модулҳои фотоэлектрикӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва таҷрибавӣ муайян карда шуданд». «Нишон дода шуд, ки бо баланд шудани ҳарорати кории элементи фотоэлектрикӣ шиддати кори бебор ва иқтидори максималии истеҳсолӣ паст шуда, тағйирёбии ҷараёни расиши кӯтоҳ нисбатан кам мебошад. Зариби ҳароратии иқтидори модули дар таҳқиқот истифодашуда «тақрибан -0,40%/ºС» буда, таъсири назарраси ҳарорат ба истеҳсоли неруи барқро тасдиқ мекунад» [8-М, 8-М, 16-М].

3. «Модели тақлидии низоми автономии фотоэлектрикӣ дар муҳити барномаи PVsyst барои шароити ноҳияи Кӯшониёни Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, параметрҳои иқлимӣ, ҳароратӣ, сарбории электрикӣ ва техникии низоми автономӣ ба ҳисоб гирифта шуданд. Барои сатҳи моил бо кунҷи майлкунии 45º ва азимути 0º воридшавии солонаи радиатсияи офтобӣ 1946 кВт·соат/м^2 муайян гардид, ки нисбат ба сатҳи уфуқӣ 11,86 % зиёд мебошад» [1-М, 4-М, 6-М].

4. Конфигуратсияи техникии низоми автономии фотоэлектрикӣ асоснок карда шуд. Барои сарбории электрикии насбшудаи 7 кВт, сарбории максималии 6573 Вт ва истеъмоли шабонарӯзии 10,483 кВт·соат/шабонарӯз дастгоҳи фотоэлектрикии иқтидораш 13,68 кВтр, захиракунандаи аккумулятории литий-ионии дорои зарфияти 65,6 А·соат ва шиддати 48 В, инчунин генератори захиравии 3 кВт интихоб карда шуданд [1-М, 4-М, 6-М].

5. Таъсири ҳарорат ба тавозуни энергетикии низоми фотоэлектрикӣ миқдоран арзёбӣ карда шуд. Ҳангоми баланд шудани ҳарорати муҳити атроф аз 25 то 55 ºС, бо назардошти баланд шудани ҳарорати кории элементи фотоэлектрикӣ, иқтидори максималии модули меъёриаш 300 Вт то 248,7 Вт, яъне тақрибан 17,1 % коҳиш ёфт. Дар тавозуни солонаи энергетикӣ энергияи ҳисобии низоми автономӣ 24180 кВт·соат/сол, зариби кори фоиданоки умумӣ 14,8 %, зариби истеҳсолнокии низом (PR) 16,5 % ва ҳиссаи энергияи офтобӣ дар пӯшонидани сарбории электрикӣ (SF) 98,5 % муайян карда шуд [4-М, 6-М, 8-М, 17-М].

6. Методикаи ҳисоб намудани параметрҳои электрикии модули фотоэлектрикӣ бо дарназардошти таъсири термомуҳофизат таҳия карда шуд. Методикаи муайян намудани ҳарорати кории элементи фотоэлектрикӣ, ҷараёни расиши кӯтоҳ, шиддати кори бебор, зариби пуркунӣ ва иқтидори максималии истеҳсолиро дар бар мегирад. Ба модели ҳисобӣ блоки муҳофизати гармии модул (МГМ) ворид карда шуд, ки имкон медиҳад таъсири термомуҳофизат ба ҳарорати кории элементи фотоэлектрикӣ ба таври миқдорӣ ба ҳисоб гирифта шавад [8-М, 17-М].

7. Натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ имкон доданд, ки хусусиятҳои тағйирёбии ҳарорати МФЭ вобаста ба ҳарорати муҳити атроф барои ду ҳолати истифода бо термомуҳофизат ва бе он ба таври миқдорӣ тавсиф карда шавад. Дар асоси маълумотҳои бадастомадаи таҳқиқоти таҷрибавии саҳроӣ, муодилаҳои регрессионӣ барои ду ҳолат муайян гардида, инчунин робитаи байни дараҷаи пастшавии ҳарорати модул ва ҳарорати муҳити атроф муқаррар карда шуд. Барои муайян намудани параметрҳои ин робита усули хурдтарин квадратҳо истифода гардид. Ин модели регрессионӣ ба модели тақлидӣ дар муҳити барномаи MATLAB/Simulink ҳамгиро карда шуд [8-М].

8. Модели математикии кори модули фотоэлектрикӣ дар муҳити барномаи MATLAB/Simulink таҳия ва барои муқоисаи ду реҷаи истифодабарӣ истифода карда шуд. Ҳангоми ҳарорати муҳити атрофи 45 ºС ҳарорати кории модули бе термомуҳофизат 62,13 ºС ва ҳангоми истифодаи термомуҳофизати пешниҳодшуда 58,6 ºС-ро ташкил дод. Ҳамин тавр, истифодаи термомуҳофизат ҳарорати кории модулро ба андозаи 3,53 ºС, ё тақрибан 5,7 % нисбат ба ҳолати бе термомуҳофизат паст намуд [5-М, 8-М].

Тавсияҳо оид ба татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

– Ҳангоми лоиҳакашии неругоҳҳои барқи фотоэлектрикии автономӣ ва шабакавӣ, инчунин ҳангоми интихоби модулҳои фотоэлектрикӣ ва таҷҳизоти ҳисобии зарурӣ барои

объектҳое, ки дар шароити иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир мебошанд, таъсири ҳарорати кории модулҳо ба параметрҳои электрикӣ ва энергетикии онҳо ба назар гирифта шавад. Методикаи пешниҳодшуда метавонад ҳангоми муайян намудани иқтидори насбшудаи низоми фотоэлектрикӣ, арзёбии ҳаҷми солонаи истеҳсоли неруи барқ ва муайян кардани талафоти иқтидор вобаста ба ҳарорат истифода шавад.

– Модели таҳияшуда дар муҳити MATLAB/Simulink ва вобастагиҳои таҷрибавию регрессионии бадастомада барои истифода дар таҳқиқоти илмӣ, ҳисобҳои лоиҳавӣ ва раванди таълимӣ ҳангоми таҳлили таъсири ҳарорат ба параметрҳои электрикии модулҳои фотоэлектрикӣ тавсия карда мешаванд. Натиҷаҳои моделсозӣ метавонанд дар якҷоягӣ бо маҷмуи барномавии PVsyst ҳангоми арзёбии талафоти энергетикӣ, муқоисаи вариантҳои гуногуни конфигуратсияи низомҳои фотоэлектрикӣ ва баланд бардоштани дақиқии пешгӯии истеҳсоли неруи барқ дар шароити иқлими гарми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар минтақаҳои дорои шароити иқлими монанд истифода шаванд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Безруких П.П. Состояние, перспективы и проблемы развития возобновляемых источников энергии / П.П. Безруких, Д.С. Стребков // Малая энергетика. – 2005. – № 1-2. – С. 6-12.

2. Стребков Д.С. Роль солнечной энергии в энергетике будущего / Д.С. Стребков // Теплоэнергетика. – 2006. – № 3. – С. 58-64.

3. Елистратов, В.В. Моделирование работы и оптимизация параметров систем автономного электроснабжения на основе ВИЭ / В.В. Елистратов, Е.С. Аронова // Известия Российской академии наук. Энергетика. – 2011. – № 1. – С. 119-127.

4. Duffie John A., William A. Beckman, and Nathan Blair. Solar engineering of thermal processes, photovoltaics and wind. John Wiley & Sons, 2020. DOI:10.1002/9781119540328

5. Ang T.-Z., Salem M., Kamarol M., Das H. S., Nazari M. A., Prabaharan N. et al. A comprehensive study of renewable energy sources: Classifications, challenges and suggestions // Energy Strategy Reviews. 2022.Vol. 43. Art. 100939. DOI: 10.1016/j.esr.2022.100939.

6. Holechek J.L., Geli H.M.E., Sawalhah M.N., Valdez R.A. A global assessment: Can renewable energy replace fossil fuels by 2050? // Sustainability. 2022. Vol. 14, No. 8. Art. 4792. DOI: 10.3390/su14084792.

7. Faiman D. Assessing the outdoor operating temperature of photovoltaic modules // Progress in Photovoltaics: Research and Applications. 2008. Vol. 16, No. 4. P. 307–315.DOI: 10.1002/pip.813.

8. Skoplaki E., Palyvos J. A. Operating temperature of photovoltaic modules: A survey of pertinent correlations // Renewable Energy. 2009. Vol. 34, No. 1. P. 23–29. DOI: 10.1016/j.renene.2008.04.009.

9. Skoplaki E., Palyvos J. A. On the temperature dependence of photovoltaic module electrical performance: A review of efficiency/power correlations // Solar Energy. 2009. Vol. 83, No. 5. P. 614–624. DOI: 10.1016/j.solener.2008.10.008.

10. Воротынцев Д.В., Тягунов М.Г. Прогноз выработки электроэнергии фотоэлектрическими электростанциями (на сутки вперед) с использованием машинного обучения // Вестник МЭИ. 2018. № 4. С. 53–57. DOI: 10.24160/1993-6982-2018-4-53-57.

11. Энгель Е. А., Энгель Н. Е. Методы машинного обучения для задач прогнозирования и максимизации выработки электроэнергии солнечной электростанции // Вестник Воронежского государственного университета. Серия: Системный анализ и информационные технологии. 223. № 2. С. 146–170. DOI: 10.17308/sait/1995-5499/2023/2/146-170.

12. Обухов С.Г., Плотников И.А. Имитационная модель режимов работы автономной фотоэлектрической станции с учетом реальных условий эксплуатации // Известия Томского политехнического университета. Инжиниринг георесурсов. 2017. Т. 328, № 6. С. 38–51.

13. Tsanakas I. A., Lokhat I., Jay A., Gregoire C., Rusnak J. State-of-Play and Emerging Challenges in Photovoltaic Energy Yield Simulations: A Multi-Case Multi-Model Benchmarking Study // Solar RRL. 2023. Vol. 7, No. 8. Art. 2200582. DOI: 10.1002/solr.202200582.

14. Adekanbi M. L., Alaba E. S., John T. J., Tundealao T. D., Banji T. I. Soiling Loss in Solar Systems: A Review of Its Effect on Solar Energy Efficiency and Mitigation Techniques // Cleaner Energy Systems. 2024. Vol. 7. Art. 100094. DOI: 10.1016/j.cles.2023.100094.

15. Norde Santos F., Wilbert S., Ruiz Donoso E., El Dik J., Campos Guzman L., Hanrieder N., Fernández García A., Alonso García C., Polo J., Forstinger A., Affolter R., Pitz-Paal R. Cleaning of Photovoltaic Modules through Rain: Experimental Study and Modeling Approaches // Solar RRL. 2024. Vol. 8, No. 24. Art. 2400551. DOI: 10.1002/solr.202400551.

16. Bahaidarah H., Subhan A., Gandhidasan P., Rehman S. Performance evaluation of a PV (photovoltaic) module by back surface water cooling for hot climatic conditions // Energy. 2013. Vol. 59. P. 445–453. DOI: 10.1016/j.energy.2013.07.050.

17. Chow T. T. A review on photovoltaic/thermal hybrid solar technology // Applied Energy. 2010. Vol. 87, no. 2. P. 365–379. DOI: 10.1016/j.apenergy.2009.06.037.

18. Кирпичникова И.М. Сравнительный анализ генерации электрической энергии фотоэлектрическими модулями в различных температурных условиях / И.М. Кирпичникова, Д.А. Эвок, И.Б. Махсумов // Электричество. 2023. № 11. С. 34-41. DOI 10.24160/0013-5380-2023-11-34-41.

19. Щеклеин С.Е., Немихин Ю.Е., Велькин В.И., Власов В.В., Коржавин С.А., Серкова Е.В. Исследование эффективности солнечных фотоэлектрических преобразователей в натурных условиях // Альтернативная энергетика и экология. 2012. № 3. С. 55–58.

20. Shcheklein S.E., Matveev A.V., Beloborodov I.A., Nemikhin Y.E., Vlasov V.V. Study of Photovoltaic Grid-Connected Station Efficiency in the Annual Cycle // Alternative Energy and Ecology (ISJAEE). 2016. № 11–12. P. 37–51. DOI: 10.15518/isjaee.2016.11-12.037-051.

21. Солнечные фотоэлектрические станции: монография / Р.А. Амерханов, О.В. Григораш, И.Б. Самородов [и др.]. Краснодар: КубГАУ, 2017. 206 с.

22. Renewable Capacity Statistics 2026. Abu Dhabi: International Renewable Energy Agency (IRENA), 2026. 68 p. ISBN 978-92-9260-725-8.

РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ АСОСӢ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ:

Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия эътироф шудаанд, нашршуда:

[1-М]. **Давлатзода А.Н.** Методика расчёта мощности солнечной системы автономного типа на примере электроснабжения частного дома [Текст] / И.Б. Махсумов, Н.Х. Одинаев, **А.Н. Давлатзода,** К.Ш. Шокиров // Журнал «Окружающая среда и энерговедение» (ОСЭ). – 2024. – № 2(22). – С. 79-97.

[2-М]. **Давлатзода А.Н.** Распределенная генерация и её влияние на режим работы электрической сети [Текст] / Д.Т. Исозода, И.Б. Махсумов, **А.Н. Давлатзода** // Научный журнал «Водные ресурсы, энергетика и экология» Института водных проблем, гидроэнергетики и экологии Национальной академии наук Таджикистана № 4(3). – Душанбе, 2024 г. – С. 110-117. – ISSN 2789-0953.

[3-М]. **Давлатзода А.Н.** Анализ производительности автономных солнечных электростанций с учётом экологических аспектов с применением программного пакета PVsyst в условиях южных регионов Республики Таджикистан [Текст] / И.Б. Махсумов, **А.Н. Давлатзода,** М.Б. Холназаров // Журнал «Окружающая среда и энерговедение» (ОСЭ). – 2025. – № 1(25). – С. 106-128. – DOI: 10.24412/2658-6703-2025-1-106-128. ISSN 2658-6703.

[4-М]. **Давлатзода А.Н.** Влияние изменчивости солнечной инсоляции на эффективность фотоэлектрических систем в условиях юга Таджикистана [Текст] / И.Б.

Махсумов, Д.Т. Исозода, **А.Н. Давлатзода** // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. – 2025. – № 3(71). – С. 5-13. – ISSN 2520-2227.

[5-М]. **Davlatzoda A.N.** Performance Analysis of Autonomous Solar Power Plants Using the PVsyst Software Package Under the Conditions of the Southern Regions of the Republic of Tajikistan [Текст] / I.B. Makhsumov, **A.N. Davlatzoda** // Journal of Siberian Federal University. Engineering and Technologies. – 2025. – Vol. 18, No. 6. – P. 763-777. – ISSN 2313-6057.

Мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмии шомили пойгоҳҳои наукометрии Scopus ва Web of Science нашршуда:

[6-М]. **Davlatzoda A.N.** Integration of Solar Power Plants into the Power Systems of Central Asia / I.B. Makhsumov, D.S. Silemonov, **A.N. Davlatzoda** // 2026 International Conference on Industrial Engineering, Applications and Manufacturing (ICIEAM). – Sochi, Russian Federation, 17-23 May 2026. – P. 1-5. DOI:10.1109/ICIEAM69213.2026.11549706.

Мақолаҳои дар дигар маҷаллаҳо нашршуда:

[7-М]. **Давлатзода А.Н.** Влияние деградации на эффективность работы фотоэлектрических модулей / И.Б. Махсумов, У.Х. Джалилов, **А.Н. Давлатзода,** О.Ҷ. Кобулов // Материалы Международной научно-практической конференции: «Инженерные исследования, инновации и инвестиции в области энергетики и промышленности». – Институт энергетики Таджикистана, р-н. Кушониён, 25 апреля 2023 г. – С. 119-124.

[8-М]. **Давлатзода А.Н.** Деградация фотоэлектрических модулей: причины и последствия / И.Б. Махсумов, **А.Н. Давлатзода,** З.С. Рахимов // Материалы Международной научно-практической конференции: «Энергетика: состояние и перспективы развития». – Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, г. Душанбе, 20 декабря 2023 г. – С. 241-248.

[9-М]. **Давлатзода А.Н.** Развития малой гидроэнергетики путь к защите окружающей среды и экологии / И.Б. Махсумов, **А.Н. Давлатзода,** Н.М. Раупов // Материалы Международной научно-практической конференции: «Энергетика: состояние и перспективы развития». – Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, г. Душанбе, 20 декабря 2023 г. – С. 249-257.

[10-М]. **Давлатзода А.Н.** Понимание деградации солнечных панелей, её причин и последствий / И.Б. Махсумов, **А.Н. Давлатзода,** С.О. Ибрагимов // Материалы Международной научно-практической конференции: «Энергетика ключевое направление развития национальной экономики». – Институт энергетики Таджикистана, р-н. Кушониён, 22 декабря 2023 г. – С. 51-57.

[11-М]. **Давлатзода А.Н.** Понимание основ систем распределенной генерации и перспектив её развития / И.Б. Махсумов, **А.Н. Давлатзода,** К.Ш. Шокиров // Материалы IX Международной научно-практической конференции: «Наука – основа инновационного развития». – Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, г. Душанбе, 18-19 апреля 2024 г. – С. 10-14.

[12-М]. **Давлатзода А.Н.** Влияние распределенной генерации на работу электрической сети / И.Б. Махсумов, **А.Н. Давлатзода,** К.Ш. Шокиров // Материалы IX Международной научно-практической конференции: «Наука – основа инновационного развития». – Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, г. Душанбе, 18-19 апреля 2024 г. – С. 14-18.

[13-М]. **Давлатзода А.Н.** Оценка эффективности солнечных панелей на крышах в условиях городской застройки / И.Б. Махсумов, **А.Н. Давлатзода,** Б.В. Худоназаров, Д.С. Силемонов // Булатовские чтения: сборник статей IV Всероссийской с международным участием молодёжной конференции. – Томск, 10-12 декабря 2024 года. – Томск: Национальный исследовательский Томский политехнический университет, 2024. – С. 482-485.

[14-М]. **Давлатзода А.Н.** Влияние температурных и эксплуатационных факторов на эффективность солнечных модулей / И.Б. Махсумов, **А.Н. Давлатзода,** З.С. Рахимов // Материалы Международной научно-практической конференции: «Развитие энергетической

отрасли Таджикистана в период независимости». – Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, г. Душанбе, 7 апреля 2025 г. – С. 228-235.

[15-М]. **Давлатзода А.Н.** Комплексный анализ факторов окружающей среды, влияющих на работу солнечных элементов: накопление пыли, температура окружающей среды и влажность / И.Б. Махсумов, **А.Н. Давлатзода,** Н.Х. Одинаев // Материалы Международной научно-практической конференции: «Развитие энергетической отрасли Таджикистана в период независимости». – Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, г. Душанбе, 7 апреля 2025 г. – С. 236-245.

[16-М]. **Давлатзода А.Н.** Комплексное исследование факторов окружающей среды, влияющих на эксплуатацию солнечных элементов: пылеобразование, температура и влажность / И.Б. Махсумов, **А.Н. Давлатзода,** И.С. Носиров // Материалы II Международной научно-практической конференции: «Цифровая индустрия и энергетическое развитие глазами ученых и исследователей». – Институт энергетики Таджикистана, р-н. Кушониён, 25 апреля 2025 г. – С. 62-69.

[17-М]. **Давлатзода А.Н.** Энергетический ландшафт Центральной Азии и роль возобновляемых источников энергии в трансформации региональных энергосистем / И.Б. Махсумов, А.Н. Давлатзода, Б.М. Хасанзода // Научно-технический журнал «Тепловые электрические станции». – 2026. – № 1(5). – С. 10-17. ISSN 3033-5590.

МИНИСТЕРСТВО ЭНЕРГЕТИКИ И ВОДНЫХ РЕСУРСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

ИНСТИТУТ ЭНЕРГЕТИКИ ТАДЖИКИСТАНА

УДК 621.311.243:519.87

На правах рукописи



Давлатзода Абуфазл Нусратулло

МОДЕЛИРОВАНИЕ РАБОТЫ СОЛНЕЧНЫХ ЭЛЕКТРОСТАНЦИЙ С УЧЁТОМ ВЛИЯНИЯ ТЕМПЕРАТУРНЫХ ФАКТОРОВ

АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание учёной степени кандидата технических наук по специальности 2.3. Энергетика и электротехника (2.3.4. Электрические станции и электроэнергетические системы)

Кушониён – 2026

Диссертация выполнена на кафедре альтернативных источников энергии Института энергетики Таджикистана

Научный руководитель:	**Бурхонзода Илхом Бурхон,** кандидат технических наук, доцент, заведующий кафедрой альтернативных источников энергии Института энергетики Таджикистана
Официальные оппоненты:	**Юлдашев Зарифджан Шарифович,** доктор технических наук, доцент, профессор кафедры электрификации и автоматизации сельского хозяйства Таджикского аграрного университета имени Шириншоха Шотемура
	Касобов Лоик Сафарович, кандидат технических наук, доцент кафедры электрических станций Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими
Ведущая организация:	Институт водных проблем, гидроэнергетики и экологии Национальной академии наук Таджикистана (НАНТ)

Защита диссертации состоится «24» ноября 2026 г. в 10:00 на заседании диссертационного совета 6D.KOA-083 по защите кандидатских диссертаций при Институте энергетики Таджикистана по адресу: 735162, Республика Таджикистан, Хатлонская область, Кушониёнский район, посёлок городского типа Бохтариён, улица Н. Хусрава, 73. E-mail: messi.ilhom@yandex.ru

С диссертацией можно ознакомиться в библиотеке Института энергетики Таджикистана и на сайте организации https://tpei.tj/shuroi–dissertatsioni/

Автореферат разослан «____»_____2026 г.

И. о. учёного секретаря
диссертационного совета,
кандидат технических наук Юсуфи Д.Ю.

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. Сегодня развитие энергетики всё больше связано с поиском надёжных и разнообразных источников электрической энергии. В этих условиях возобновляемые источники энергии становятся одним из важных направлений энергетического развития, среди которых особенно активно развивается солнечная фотоэлектрическая энергетика. Её развитие обусловлено наличием значительного технического потенциала солнечной энергии, снижением стоимости фотоэлектрического оборудования и расширением сферы применения солнечных электростанций.

Значительная часть данного прироста приходится на солнечную и ветровую энергетику, что свидетельствует об изменении структуры мировой энергетики в сторону более широкого использования возобновляемых источников энергии.

Согласно данным Международного энергетического агентства (IEA), в 2025 году годовой прирост установленной мощности солнечных фотоэлектрических электростанций впервые превысил 600 ГВт, а их суммарная установленная мощность в мире достигла примерно 2800 ГВт. При этом солнечная фотоэлектрическая энергетика обеспечила более трёх четвертей прироста новых мощностей возобновляемых источников энергии. Таким образом, производство электрической энергии с использованием солнечных фотоэлектрических электростанций остаётся одним из основных направлений развития современной энергетики.

Для Республики Таджикистан развитие солнечной энергетики имеет особое значение в связи с необходимостью дальнейшей диверсификации структуры производства электрической энергии, повышения надёжности электроснабжения и эффективного использования значительного потенциала солнечной радиации. Природно-климатические условия республики характеризуются значительной продолжительностью солнечной сияния и высоким уровнем солнечной радиации (более 300 солнечных дней в году), что создаёт благоприятные предпосылки для развития солнечной энергетики и ввода новых мощностей за счёт строительства СЭС.

Актуальность рассматриваемой проблемы возрастает в связи с переходом Республики Таджикистан от применения отдельных фотоэлектрических установок малой мощности к развитию крупномасштабных солнечных электростанций. В 2025 году началось строительство солнечных электростанций в Аштинском районе Согдийской области и Джайхунском районе Хатлонской области общей установленной мощностью 500 МВт.

При эксплуатации фотоэлектрических электростанций в условиях Таджикистана на их работу влияют различные климатические и эксплуатационные факторы, которые необходимо учитывать. к основным из них относятся интенсивность солнечной инсоляции. температура окружающей среды, её изменения в течение суток и года, а также запылённость поверхности ФЭМ.

Для южных регионов республики особенно характерно сочетание высокой солнечной радиации с повышенной температурой и сухим климатом.

Температурный фактор непосредственно влияет на энергетические показатели фотоэлектрических модулей (ФЭМ). При повышении температуры ФЭМ изменяются их основные электрические параметры, прежде всего напряжение и максимальная мощность. В результате фактическая энергетическая эффективность модулей может существенно отличаться от значений, приведённых в паспортных характеристиках. Вместе с тем высокая интенсивность солнечной радиации, способствующая увеличению производства фотоэлектрической энергии, одновременно приводит к дополнительному нагреву модулей.

В условиях жаркого климата температура ФЭМ может значительно превышать стандартное значение 25 ^{o}C, принимаемая при определении их электрических характеристик в стандартных условиях испытаний (STC). Повышение рабочей температуры приводит к снижению выходной мощности модулей, и в некоторых условиях потери мощности, обусловленные температурным воздействием, могут достигать 15-25 %. По этой

причине расчёты, основанные исключительно на стандартных условиях STC, не всегда позволяют с необходимой точностью оценить фактическое производство электрической энергии фотоэлектрическими электростанциями в условиях жаркого климата. В результате температура ФЭМ изменяется в течение суток и года, что приводит к соответствующему изменению их электрических характеристик и вырабатываемой электрической энергии.

Другим существенным эксплуатационным фактором для условий Республики Таджикистан является запыленность поверхности ФЭМ. Накопление пыли уменьшает количество солнечной радиации, поступающей на поверхность ФЭМ, и может приводить к снижению производства электрической энергии.

В связи с этим для достоверной оценки энергетической эффективности Фотоэлектрических электростанций недостаточно учитывать только установленную мощность оборудования, солнечную радиацию и нормативные характеристики ФЭМ. Необходимо установить количественные взаимосвязи между климатическими параметрами, температурой ФЭМ, изменением их электрических характеристик, энергетическими потерями и фактическим производством электрической энергии.

Данная проблема приобретает особую значимость при проектировании и эксплуатации крупномасштабных солнечных электростанций. При увеличении установленной мощности солнечной электростанции точность расчётов приобретает особое значение. Даже небольшое отличие фактических условий работы от принятых при расчёте параметров может повлиять на количество электроэнергии, вырабатываемой станцией за год. По этой причине при проектировании солнечных электростанций необходимо учитывать реальные условия их работы, а в процессе эксплуатации сопоставлять расчётные значения с фактическими показателями выработки.

При расчёте энергетических показателей фотоэлектрических электростанций необходимо учитывать не только номинальные характеристики фотоэлектрических модулей (ФЭМ), но и условия, в которых они работают. В частности, изменение температуры и других климатических параметров может влиять на мощность модулей и выработку электроэнергии. С помощью компьютерного моделирования можно оценить влияние этих факторов, определить основные потери энергии и установить, насколько размещение и ориентация модулей соответствуют условиям эксплуатации. Полученные результаты позволяют более обоснованно оценивать ожидаемую выработку электроэнергии.

Для Республики Таджикистан эта задача имеет особое значение. Страна обладает значительным потенциалом солнечной энергии, однако высокая интенсивность солнечного излучения не всегда обеспечивает работу фотоэлектрических модулей с максимальной эффективностью. В летний период их температура может существенно превышать температуру окружающего воздуха. Кроме того, на работу оборудования влияет запылённость поверхности модулей. Всё это необходимо учитывать при расчёте энергетических показателей солнечных электростанций. Особое внимание следует уделять температурному фактору, поскольку, нагрев фотоэлектрических модулей приводит к изменению их электрических характеристик и может снижать фактическую выработку электроэнергии.

В тоже время важность настоящего исследования также определяется развитием солнечной энергетики в Таджикистане и реализацией проектов по строительству солнечных электростанций суммарной установленной мощностью 500 МВт. По мере увеличения мощности вводимых объектов возрастает необходимость в достоверной оценке их будущей выработки. Поэтому совершенствование методов расчёта с учётом температурных и климатических факторов представляет практический интерес как при проектировании новых электростанций, так и при оценке эффективности их дальнейшей эксплуатации. В связи с этим совершенствование методов математического моделирования с учётом температурного воздействия представляет практический и научный интерес для развития солнечной энергетики Республики Таджикистан. Таким образом, актуальность исследования обусловлена особенностями эксплуатации фотоэлектрических

